# Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ 16
# *“Иҷора”*

## Мақсад

1 **Стандарти мазкур принсипҳои эътироф, арзёбӣ, пешниҳод ва ифшои маълумотро дар бораи *иҷора* муқаррар менамояд. Мақсади стандарт аз таъмини тартиби ифшои маълумоти бомаврид аз ҷониби *иҷорагирандагон ва иҷорадиҳандагон* иборат мебошад, ки чунин амалиётро воқеъбинона пешниҳод менамояд. Маълумоти мазкур асосе маҳсуб меёбад, ки аз ҷониби истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати арзёбии таъсири иҷора ба ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои молиявӣ ва воситаҳои пулии корхона истифода бурда мешавад.**

2 Корхона бояд талаботи *шартномаҳо*, инчунин тамоми далелҳо ва ҳолатҳои мувофиқро ҳангоми истифодабарии Стандарти мазкур ба инобат гирад. Корхона бояд Стандарти мазкурро ба таври пайдарҳам дар робита бо шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҳаммонанд ва дар ҳолатҳои шабеҳ татбиқ намояд.

## Доираи татбиқ

3 Корхона бояд Стандарти мазкурро дар робита бо ҳама шартномаҳои иҷора, аз ҷумла шартномаҳои иҷораи *дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода дар доираи зериҷора* татбиқ намояд, ба истиснои инҳо:

(а) шартномаҳои иҷора, ки ба иктишоф ё истифодабарии канданиҳои фоиданок, нафт, гази табиӣ ва захираҳои барқарорнашавандаи мушобеҳ мансуб мебошанд;

(б) шартномаҳои иҷора, ки дар доираи татбиқи СББМ 41 *“Кишоварзӣ”* ба дороиҳои биологӣ тааллуқ доранд, ки дар тобеияти иҷорагир қарор гирифтаанд;

(в) созишномаҳои консессионӣ дар бораи пешниҳоди хизматрасонӣ дар доираи татбиқи Тафсироти КТҲМБ 12 *“Созишномаи консессионӣ дар бораи хизматрасонӣ”*;

(г) иҷозатнома барои моликияти зеҳнӣ, ки дар доираи татбиқи СБҲМ 15 *“Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо муштариён”* ба иҷорадеҳ пешниҳод гардидааст;

(ғ) ҳуқуқҳое, ки аз рӯйи созишномаҳои иҷозатномавӣ дар доираи татбиқи СББМ 38 *“Дороиҳои ғайримоддӣ”*, ки мавзуи онҳо чунин объектҳо, ба мисли кинофилмҳо, сабтҳои видеоӣ, песаҳо, дастнависҳо, патентҳо ва ҳуқуқҳои муаллифӣ маҳсуб меёбанд, иҷорагир доро мебошад.

4 Иҷорагир ҳуқуқ дорад, вале уҳдадор намебошад, Стандарти мазкурро нисбат ба шартномаҳои иҷораи дороиҳои ғайримоддӣ, ки аз иҷораҳои дар банди 3(ғ) зикршуда фарқ менамоянд, татбиқ намояд.

## Озод намудан аз эътироф (бандҳои Б3 - Б8)

5 Иҷорагир ҳуқуқ дорад дар бораи татбиқ накардани талаботи бандҳои 22-49 дар робита бо мавқеъҳои зерин қарор қабул кунад:

(а) *иҷораи кутоҳмуддат;* ва

(б) иҷорае, ки дар он *дороии асосӣ* дорои арзиши паст мебошад (чӣ тавре, ки дар бандҳои Б3–Б8 тавсиф шудааст.

6 Агар иҷорагир ҷиҳати татбиқ накардани талаботи бандҳои 22-49 дар робита бо иҷораи кутоҳмуддат ё иҷорае, ки дар он дороии асосӣ дорои арзиши паст мебошад, қарор қабул кунад, иҷорагир бояд *пардохти иҷоравиро* аз рӯйи чунин иҷора ба сифати хароҷот ё усули хаттӣ дар муддати *муҳлати иҷора* ё бо истифодаи дигар усули низомнок мавриди эътироф қарор диҳад. Иҷорагир бояд дигар усули низомнокро истифода намояд, агар чунин равиш ба таври беҳтар сохтори гирифтани фоидаро аз ҷониби иҷорагир инъикос намояд.

7 Агар иҷорагир бо татбиқи банди 6 иҷораи кутоҳмуддатро ба инобат гирад, пас барои мақсадҳои Стандарти мазкур иҷорагир бояд шартномаи иҷораро дар чунин мавридҳо шартномаи иҷораи нав ҳисоб кунад:

(а) дар мавриди *тағйирёбии шартномаи иҷора*, ё

(б) дар мавриди тағйироти мӯҳлати иҷора (масалан, иҷорагир опсионеро иҷро менамояд, ки қаблан ҳангоми муайянсозии мӯҳлати иҷора ба инобат гирифта нашудааст).

8 Дар мавриди иҷораи кутоҳмуддат зарур аст аз рӯйи намудҳои дороиҳои асосӣ, ки ҳуқуқи истифода ба онҳо мансуб мебошанд, қарор қабул карда шавад. Намудҳои дороиҳои асосӣ ин гурӯҳи дороиҳои асосӣ мебошад, ки аз рӯйи хусусият ва тарзи истифода дар доираи фаъолияти корхона ҳаммонанд мебошанд. Дар робита бо шартномаҳои иҷора, ки дар онҳо дороии асосӣ арзиши пастро доро мебошад, қарор аз рӯйи ҳар кадом шартномаи иҷора метавонад ба таври алоҳида қабул карда шавад.

## Муқаррароти иҷора (бандҳои Б9 - Б33)

**9 Дар мавриди бастани шартнома корхона бояд арзёбӣ намояд, ки шартнома ба таври пурра ё ҷузъҳои алоҳидаи он шартномаи иҷора маҳсуб меёбанд ё намеёбанд. Шартнома ба таври пурра ё ҷузъҳои алоҳидаи он шартномаи иҷора маҳсуб меёбанд, агар аз рӯйи ин шартнома ҳуқуқи назорати истифодаи дороии мушаххасгардида дар давоми давраи муайян ба ивази ҷуброн дода шуда бошад. Дар бандҳои Б9-Б31 дастур вобаста ба арзёбии ин омил, ки оё шартнома ба таври пурра ё ҷузъҳои алоҳидаи он шартномаи иҷора маҳсуб меёбанд ё намеёбанд, оварда шудааст.**

10 Давраи вақтро метавон тавассути ҳаҷми истифодаи дороии мушаххасгардида тавсиф намуд (масалан, миқдори воҳидҳои маҳсулот, ки бо истифодаи воҳидҳои таҷҳизот истеҳсол карда мешаванд).

11 Корхона арзёбии такрории ин омилро, ки оё шартнома ба таври пурра ё ҷузъҳои алоҳидаи он шартномаи иҷора маҳсуб меёбанд ё намеёбанд, танҳо дар сурати тағйирёбии талаботи шартномаи мазкур анҷом медиҳад.

### Ҷудо намудани ҷузъҳои шартнома

12 Барои шартномае, ки куллан шартномаи иҷора маҳсуб меёбад ё ҷузъҳои алоҳидаи он шартномаи иҷора маҳсуб меёбанд, корхона бояд ҳар як ҷузъи иҷораро дар доираи шартнома ба сифати иҷора ба таври алоҳида аз ҷузъҳои шартнома, ки иҷора маҳсуб намеёбанд, ба инобат гирад, ба истиснои ин маврид, ҳангоме ки корхона соддагардонии хусусияти амалиро дар банди 15 татбиқ менамояд. Бандҳои Б32-Б33 дорои нишондод дар бораи ҷудосозии ҷузъҳои шартнома мебошанд.

#### Иҷорагир

13 Барои шартномае, ки дорои ҷузъи иҷора ва як ё якчанд ҷузъҳои иловагӣ буда, иҷора маҳсуб меёбанд ё намеёбанд, иҷорагир бояд ҷуброни тибқи шартнома пешбинишударо ба ҳар як ҷузъи иҷора дар асоси нархи нисбии қарордоди махсус аз рӯйи ҷузъи иҷора ва нархи маҷмуии қарордоди махсус аз рӯйи ҷузъҳои ғайрииҷора тақсим кунад.

14 Нархи нисбии худмухторҳои махсус аз рӯйи ҷузъҳое, ки иҷора маҳсуб меёбанд ва намеёбанд, бояд дар асоси нархе муайян карда шавад, ки иҷорадеҳ ё таҳвилгари шабеҳ аз корхона барои ҷузъи ишорашуда ё ҳаммонанд ба таври алоҳида талаб менамоянд. Дар сурати мавҷуд набудани маълумот дар бораи нархи худмухтори махсус ба таври дастрасии озод иҷорагир бояд нархи худмухтори махсусро бо истифодаи маълумоти мавҷуда ба таври ҳадди аксар арзёбӣ намояд.

15 Ба сифати соддагардонии хусусияти амалӣ иҷорагир ҳуқуқ дорад ҷиҳати ҷудо накардани ҷузъҳое, ки иҷора маҳсуб намеёбанд аз ҷузъҳое, ки иҷора маҳсуб меёбанд, қарор қабул кунад (барои намуди алоҳидаи дороиҳои асосӣ) ва ба ивази ин ҳар як ҷузъи иҷора ва ҷузъҳои дахлдорро, ки иҷора маҳсуб намеёбанд, ба сифати як ҷузъи иҷора ба инобат гирад. Иҷорагир набояд чунин соддагардонии хусусияти амалиро нисбат ба деривативҳои омехта, ки меъёрҳои банди 4.3.3 СБҲМ 9 *“Воситаҳои молиявӣ”*-ро таъмин менамоянд, татбиқ намояд.

16 Ба истиснои мавридҳои соддагардонии хусусияти амалӣ дар банди 15, иҷорагир бояд ҷузъҳоеро, ки иҷора маҳсуб намеёбанд, бо истифодаи дигар стандартҳои мавриди истифода, ба инобат гирад.

#### Иҷорадеҳ

17 Агар шартнома дорои ҷузъҳои иҷора ва як ё якчанд ҷузъҳои иловагӣ бошад, ки иҷора маҳсуб меёбанд ё намеёбанд, иҷорадеҳ бояд ҷубронро аз рӯйи иҷрои шартнома бо истифодаи бандҳои 73-90 СБҲМ 15 тақсим кунад.

 © Фонд СБҲМ

## Муҳлати иҷора (бандҳои Б34 - Б41)

18 Корхона бояд муҳлати иҷораро ҳамчун давраи иҷораи пеш аз муҳлат қатънашаванда ҳамроҳ бо инҳо муқаррар намояд:

(а) давраҳое, ки дар робита бо онҳо опсион барои тамдиди иҷора пешбинӣ шудааст, агар боварии комил вуҷуд дошта бошад, ки иҷорагир ин опсионро иҷро намекунад;

(б) давраҳое, ки дар робита бо онҳо опсион барои қатъёбии иҷора пешбинӣ шудааст, агар боварии комил вуҷуд дошта бошад, ки иҷорагир ин опсионро иҷро намекунад.

19 Вобаста ба арзёбии ин, оё бовар доштан метавонад, ки иҷорагир опсион барои тамдиди иҷораро иҷро менамояд ё дар ин бора, ки иҷорагир опсион барои қатъёбии иҷораро иҷро намекунад, корхона бояд ҳама далелҳои мувофиқ ва ҳолатҳоеро, ки боиси дар иҷорагир бавуҷудоии ҳавасмандии иқтисодӣ барои иҷрои опсион ҷиҳати тамдиди иҷора ё иҷро накардани опсион ҷиҳати қатъёбии иҷора мегарданд, чӣ тавре, ки дар бандҳои Б37-Б40 тавсиф шудааст, ба инобат гирад.

20 Иҷорагир бояд такроран арзёбӣ кунад, ки оё ба таври комил боварӣ дорад, ки иҷрои опсион барои тамдид ё иҷро накардани опсион барои қатъёбии иҷора ҳангоми бавуҷудоии рӯйдоди назаррас ё тағйироти муҳими уҳдадорӣ дар ҳолате рух медиҳад, ки

(а) дар таҳти назорати иҷорагир қарор дорад; ва

(б) ба арзёбии ин, ки оё боварии комил вуҷуд дорад, ки иҷорагир опсионеро иҷро менамояд, ки қаблан ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора аз ҷониби ӯ ба инобат гирифта нашудааст ё дар ин бора, ки иҷорагир опсионеро иҷро намекунад, ки қаблан ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора аз ҷониби ӯ ба инобат гирифта шудааст (чӣ тавре, ки дар банди Б41 тавсиф шудааст).

21 Дар мавриди тағйироти давраи иҷора, ки набояд пеш аз муҳлат қатъ гардад, корхона бояд муҳлати иҷораро аз нав дида барояд. Масалан, давраи иҷора, ки набояд пеш аз муҳлат қатъ гардад, тағйир меёбад, агар:

(а) иҷорагир опсионеро иҷро менамояд, ки қаблан ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора аз ҷониби корхона ба инобат гирифта нашудааст;

(б) иҷорагир опсионеро иҷро намекунад, ки қаблан ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора аз ҷониби корхона ба инобат гирифта нашудааст;

(в) рӯйдоде ба амал меояд, ки дар натиҷаи он тибқи шартнома иҷрои опсионе, ки қаблан ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора аз ҷониби корхона ба инобат гирифта нашудааст, уҳдадории иҷорагир маҳсуб мегардад;

(г) рӯйдоде ба амал меояд, ки дар натиҷаи он тибқи шартнома аз ҷониби иҷорагир иҷро гардидани опсионе, ки қаблан ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора аз ҷониби корхона ба инобат гирифта нашудааст, мамнуъ маҳсуб мегардад.

## Иҷорагир

### Эътироф

22 **Дар *санаи оғози* иҷора иҷорагир бояд дороиро дар шакли ҳуқуқи истифода ва уҳдадориро аз рӯйи иҷора эътироф намояд.**

### Арзёбӣ

#### Арзёбии аввалия

*Арзёбии аввалияи дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода*

**23** **Дар санаи оғози иҷора иҷорагир бояд дороиро дар шакли ҳуқуқи истифода аз рӯйи арзиши аввалия арзёбӣ намояд.**

24 Арзиши аввалияи дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода бояд инҳоро фаро гирад:

(а) бузургии арзёбии аввалияи уҳдадорӣ аз рӯйи иҷора, чӣ таре, ки дар банди 26 тавсиф шудааст;

(б) пардохти иҷоравӣ дар санаи оғози иҷора ё то чунин сана бо тарҳи пардохти қабулгардидаи *ҳавасмандкунанда аз рӯйи иҷора*;

(в) ҳама гуна *хароҷоти мустақими аввалия*, ки аз ҷониби иҷорагир сарф шудааст;

(г) арзёбии хароҷоте, ки аз ҷониби иҷорагир ҳангоми барҳамкунӣ ва ҷойивазкунии дороии асосӣ, барқарорсозии минтақае, ки дар он доройӣ қарор дорад ё барқарорсозии дороии асосӣ то он ҳолате, ки тибқи шартҳои иҷора талаб карда мешавад, сарф шудааст, ба истиснои ин ҳолат, ҳангоме, ки чунин хароҷот барои истеҳсоли захираҳо сарф гардидааст. Уҳдадории иҷорагир дар робита бо чунин хароҷот ё дар санаи оғози иҷора ва ё дар натиҷаи истифодаи дороии асосӣ дар муддати давраи муайян ба вуҷуд меояд.

25 Иҷорагир бояд хароҷоти дар банди 24(г) тавсифшударо дар таркиби арзиши аввалияи доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода дар мавриди бавуҷудоии уҳдадориҳои иҷорагир дар робита бо чунин хароҷот мавриди эътироф қарор диҳад. Иҷорагир дар робита бо хароҷоте, ки дар муддати давраи муайян дар натиҷаи мавҷудияти доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода барои истеҳсоли захираҳо дар давоми чунин давра сарф шудааст, СББМ 2 *"Захираҳои молию моддӣ"*-ро татбиқ менамояд. Уҳдадориҳо дар робита бо чунин хароҷот, ки бо татбиқи Стандарти мазкур ё СББМ 2 ба инобат гирифта мешавад, бо татбиқи СББМ 37 *"Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ"* мавриди эътироф ва арзёбӣ қарор мегиранд.

### *Арзёбии аввалияи уҳдадорӣ аз рӯйи иҷора*

**26 Дар санаи оғози иҷора иҷорагир бояд уҳдадори иҷораро аз рӯйи арзиши воқеии пардохти иҷоравӣ, ки дар ин сана ҳоло анҷом напазируфтаанд, арзёбӣ намояд. Пардохти иҷоравиро зарур аст бо истифодаи *меъёри фоиз, ки дар шартномаи иҷора асос ёфтааст*, тахфиф намуд, агар чунин меъёрро ба таври осон муайян намудан имконпазир бошад. Агар чунин меъёр ба таври осон муайян нагардад, иҷорагир бояд *меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагиро аз ҷониби иҷорагир истифода намояд.***

27 Дар санаи оғози иҷора пардохти иҷоравӣ, ки ба арзёбии уҳдадориҳои иҷора дохил мегарданд, аз пардохти зерин барои ҳуқуқи истифодаи дороии асосӣ дар муддати муҳлати иҷора, ки дар санаи оғози иҷора ҳоло анҷом напазируфтааст, таркиб ёфтаанд:

(а) *пардохти собитшуда* (аз ҷумла, пардохти моҳиятан собитшуда, чӣ тавре, ки дар банди В42 тавсиф шудааст) бо тарҳи ҳама гуна пардохти ҳавасмандкунанда барои қабул аз рӯйи иҷора;

(б) *пардохти иҷоравии тағйирёбанда*, ки аз шохис ё меъёре вобаста буда, дар ибтидо бо истифодаи шохис ё меъёр дар санаи оғози иҷора арзёбӣ шудаанд (чӣ тавре, ки дар банди 28 тавсиф шудааст);

(в) маблағе, ки эҳтимолан аз ҷониби иҷорагир тибқи *кафолатҳои арзиши барҳамхуранда* пардохта мешавад;

(г) нархи иҷроиши опсион барои харид, агар боварии комил вуҷуд дошта бошад, ки иҷорагир ин опсионро иҷро менамояд (бо назардошти омилҳое, ки дар бандҳои Б37-Б40 тавсиф шудаанд, арзёбӣ карда мешаванд);

(ғ) пардохти ҷаримаҳо барои қатъёбии иҷора, агар мӯҳлати иҷора иҷроиши билқуввагии опсион барои қатъёбии иҷора аз ҷониби иҷорагирро инъикос кунад.

28 Пардохти иҷоравии тағйирёбанда, ки аз шохис ё меъёри дар банди 27(б) тавсифшуда вобаста мебошанд, масалан, пардохтеро, ки бо шохиси нархҳои истеъмолӣ пайвандӣ доранд, пардохтеро, ки бо меъёри фоизи асосӣ (масалан, Меъёри пешниҳодии байнибонкии Лондон "LIBOR") алоқамананд ё пардохтеро, ки вобаста аз тағйироти иҷоравии бозорӣ дигаргун мешаванд, дар ба мегиранд.

## Арзёбии минбаъда

### *Арзёбии минбаъдаи доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифода*

**29 Баъд аз санаи оғози иҷора иҷорагир бояд дороиро дар шакли ҳуқуқи истифода бо татбиқи тарҳи (модели) баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши аввалия арзёбӣ кунад, ба истисноии ин маврид, ҳангоме, ки он тарҳи арзёбии дар бандҳои 34 ва 35 тавсифшударо татбиқ менамояд.**


© Фонд СБҲМ

### Тарҳи (модели) баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши аввалия

30 Ҷиҳати татбиқи тарҳи баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши аввалия иҷорагир бояд дороиро дар шакли ҳуқуқи истифода аз рӯйи арзиши аввалия арзёбӣ кунад:

(а) бо тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ва зарари аз таваррум ғуншуда;

(б) бо тасҳеҳи азнавварзёбии уҳдадории иҷора, ки дар бораи он дар банди 36(в) зикр шудааст.

31 Иҷорагир бояд талаботро дар робита бо истеҳлоки СББМ 16 *"Воситаҳои асосӣ"* ҳангоми истеҳлоки дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода бо риояи талаботи банди 32 татбиқ намояд.

32 Агар шартномаи иҷора ҳуқуқи соҳибмулкии дороии асосиро то интиҳои муҳлати иҷора ба иҷорагир диҳад, ё арзиши аввалияи дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода тамоюли иҷорагирро ҷиҳати иҷрои опсион барои харид инъикос кунад, иҷорагир бояд дороии дар шакли ҳуқуқи истифодаро аз санаи оғози иҷора то интиҳои *муҳлати истифодаи муфиди* дороии асосӣ мариди истеҳлок қарор диҳад. Дар ҳолати акс иҷорагир бояд дороии дар шакли ҳуқуқи истифодаро аз санаи оғози иҷора то қабл аз санаҳои зерин: санаи интиҳои *муҳлати истифодаи муфиди* дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода ё санаи интиҳои муҳлати иҷора истеҳлок кунад.

33 Иҷорагир бояд СББМ 36 *"Таварруми дороиҳо"* ҳангоми муайян намудани мавҷудияти таварруми дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода ва барои баҳисобгирии зарари аз таваррум ошкоргардида татбиқ намояд.

### Дигар тарҳҳои арзёбӣ

34 Агар иҷорагир аз тарҳи баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши одилона дар СББМ 40 *"Амволи сармоягузорӣ"* дар робита бо амволи сармоягузорӣ истифода барад, иҷорагир инчунин бояд тарҳи зерини баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши одилонаро нисбат ба дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода, ки муқаррароти амволи сармоягузорӣ дар СББМ 40-ро таъмин менамоянд, татбиқ намояд.

35 Агар дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода ба гурӯҳи воситаҳои асосӣ мансуб бошанд, ки нисбат ба он иҷорагир тарҳи баҳисобгириро аз рӯйи арзиши азнавварзёбигардида дар СББМ 16 татбиқ намояд, иҷорагир ҳуқуқ дорад дар бораи татбиқи чунин тарҳи баҳисобгирии арзиши азнавварзёбигардида дар робита бо ҳама дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода, ки ба чунин гурӯҳи воситаҳои асосӣ мансуб мебошанд, қарор қабул кунад.

## *Арзёбии минбаъдаи уҳдадорӣ аз рӯйи иҷора*

**36 Баъд аз санаи оғози иҷора иҷорагир бояд уҳдадорӣ аз рӯйи иҷораро ба тарзи зерин арзёбӣ кунад:**

**(а) арзиши тавозуниро ҷиҳати инъикоси фоизҳо аз рӯйи уҳдадории иҷора афзун кунад;**

**(б) арзиши тавозуниро ҷиҳати инъикоси пардохти амалигардидаи иҷоравӣ коҳиш диҳад;**

**(в) арзиши тавозуниро ҷиҳати инъикоси азнавварзёбӣ ё тағйирёбии шартномаҳои иҷора, ки дар бораи онҳо дар бандҳои 39-46 зикр шудааст ё бобати нишон додани пардохти иҷоравии собитшуда, ки моҳиятан аз нав дида баромада шудаанд, мавриди азнавварзёбӣ қарор медиҳад (ба банди Б42 нигаред).**

37 Фоизҳо аз рӯйи уҳдадории иҷора дар ҳар як давра дар муддати муҳлати иҷора бояд бо маблағе муаррифӣ шаванд, ки дар бақияи уҳдадориҳои иҷора меъёри фоизи давраинаи тағйирнаёбандаро ҳосил кунад. Меъёри фоизи давраина меъёри дар банди 26 тавсифшудаи тахфиф мебошад ва агар қобили қабул бошад, меъёри тахфифи азнавдидишуда, ки дар бандҳои 41, 43 ё банди 45(в) зикр гардидааст.

38 Баъд аз санаи оғози иҷора иҷорагир бояд дар таркиби фоида ё зарар (ба истиснои ҳолатҳое, ки хароҷот ба арзиши тавозунии дигар дороӣ бо истифодаи дигар стандартҳои қобили истифода дохил карда мешавад) ин ду бузургии зеринро эътироф намояд:

(а) фоизҳо аз рӯйи уҳдадории иҷора;

(б) пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ, ки ба арзёбии уҳдадории иҷора дар давраи фарорасии рӯйдод ё шартҳое, ки боиси амалишавии чуни пардохт мегарданд, дохил карда нашудаанд.

### Азнаварзёбии уҳдадорӣ аз рӯйи иҷора

39 Баъд аз санаи оғози иҷора иҷорагир бояд бандҳои 40-43-ро барои азнаварзёбии уҳдадории иҷора бо назардошти тағйироти пардохти иҷоравӣ татбиқ намояд. Иҷорагир бояд маблағи азнаварзёбии уҳдадории иҷораро ба сифати тасҳеҳоти дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода мавриди эътироф қарор диҳад. Лекин, агар арзиши тавозунии дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода то ҳадди сифр коҳиш ёбад ва дар ин маврид иловатан арзёбии уҳдадории иҷора кам шавад, иҷорагир бояд бузургии боқимондаи азнаварзёбиро дар таркиби фоида ё зарар эътироф намояд.

40 Иҷорагир бояд уҳдадории иҷораро бо тахфиф намудани пардохти иҷоравии азнавдидишуда тавассути истифодаи меъёри азнавдидишудаи тахфиф дар ҳар кадом аз ҳолатҳои зерин мавриди азнаварзёбӣ қарор диҳад:

(а) тағйиирёбии муҳлати иҷора, чӣ тавре, ки дар бандҳои 20–21 зикр шудааст. Иҷорагир бояд пардохти иҷоравии азнавдидишударо дар асоси муҳлати азнавдидишудаи иҷора муайян кунад;

(б) тағйирёбии арзёбии опсион барои хариди дороии асосӣ, ки бо назардошти рӯйдодҳо ё ҳолатҳои дар бандҳои 20-21 зикршуда дар заминаи опсион барои харид арзёбӣ мешавад. Иҷорагир бояд пардохти иҷоравии азнавдидишударо ҷиҳати инъикоси тағйироти маблағи тибқи опсион барои харид пардохтшаванда муайян намояд.

41 Ҳангоми татбиқи банди 40 иҷорагир бояд меъёри азнавдидишудаи тахфифро ҳамчун меъёри фоизе, ки дар шартномаи иҷора асос ёфтааст, дар муддати муҳлати боқимондаи иҷора муайян кунад, агар чунин меъёр ба таври осон ё ҳамчун меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагӣ аз ҷониби иҷорагир дар санаи азнаварзёбӣ муайян гардад, агар муайян намудани меъёри фоизи дар шартномаи иҷора асосёфта ба таври осон имконнопазир бошад.

42 Иҷорагир бояд уҳдадории иҷораро тавассути тахфиф намудани пардохти иҷоравии азнавдидишуда дар ҳар кадом аз ин мавридҳо такроран арзёбӣ намояд:

(а) тағйирёбии маблағе, ки эҳтимолан дар доираи кафолатҳои арзиши барҳамхуранда пардохта мешавад. Иҷорагир бояд пардохти иҷоравии азнавдидишударо ҷиҳати инъикоси тағйирёбии маблағе, ки эҳтимолан дар доираи кафолатҳои арзиши барҳамхуранда пардохта мешавад, муайян намояд;

(б) тағйирёбии пардохти иҷоравии минбаъда дар натиҷаи тағйироти шохис ё меъёре, ки барои муайянсозии чунин пардохт истифода мешаванд, аз ҷумла, масалан, тағйирёбӣ барои инъикоси тағйироти меъёрҳои иҷоравии бозорӣ пас аз аз нав дидани нархҳои иҷоравии бозорӣ. Иҷорагир бояд уҳдадории иҷораро ҷиҳати инъикоси чунин пардохти иҷоравии азнавдидишуда танҳо дар сурати тағйирёбии воситаҳои пулӣ мавриди азнаварёбӣ қарор диҳад (яъне дар сурати тасҳеҳоти пардохти иҷоравӣ). Иҷорагир бояд пардохти иҷоравии азнавдидишударо дар муддати муҳлати боқимондаи иҷора дар асоси пардохти азнавдидишуда, ки тавассути шартнома пешбинӣ гардидаанд, муайян намояд.

43 Ҳангоми татбиқи банди 42 иҷорагир бояд меъёри тағйирнопазири тахфифро истифода намояд, ба истиснои мавридҳое, ки тағйирёбии пардохти иҷоравӣ бо тағйирёбии меъёрҳои фоизноки шинокунанда қайду шарт гардида бошад. Дар ин маврид иҷорагир бояд меъёри азнавдидишудаи тахфифро, ки тағйирёбии меъёри фоизро инъикос менамояд, истифода барад.

### *Тағйирёбии шартномаи иҷора*

44 Иҷорагир бояд тағйирёбии шартномаи иҷораро ба сифати шартномаи алоҳидаи иҷора дар мавриди риояи ин ду шарти зерин ба инобат гирад:

(а) тағйирёби доираи татбиқи шартномаи иҷораро аз ҳиосби илова намудани ҳуқуқи истифода тавассути як ё якчанд дороии асосӣ афзун менамояд;

(б) ҷуброн барои иҷора бо маблағи мутаносиб бо нархи шартномаи алоҳида барои андозаи афзуншуда, инчунин бо тасҳеҳоти дахлдори чунин нарх, ки ҳолати шартномаи мушаххасро инъикос менамояд.

45 Дар мавриди тағйирёбии шартномаи иҷора, ки ба сифати шартномаи алоҳидаи иҷора ба инобат гирифта намешавад, дар *санаи эътибор пайдо намудани тағйирёбии шартномаи иҷора* иҷорагир бояд:

(а) ҷубронро ба шартномаи тағйирёбишудаи иҷора бо татбиқи бандҳои 13-16 тақсим кунад;

(б) муҳлати иҷораро дар шартномаи тағйирёбишудаи иҷора бо татбиқи бандҳои 18-19 муайян намояд;

 © Фонд СБҲМ

(в) уҳдадории иҷораро тавассути тахфифи пардохти иҷоравии азнавдидишуда бо истифодаи меъёри азнавдидишудаи тахфиф мавриди азнаварзёбӣ қарор диҳад. Меъёри азнавдидишудаи тахфиф ҳамчун меъёри фоизе, ки дар шартномаи иҷора дар муддати мухлати боқимондаи иҷора асос гузошта шудааст, муайян мегардад, агар чунин меъёр ба таври осон ё ҳамчун меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагӣ аз ҷониби иҷорагир дар санаи азнаварзёбӣ муайян гардад, агар меъёри фоизи дар шартномаи иҷора асос гузошташуда ба таври осон муайян карда нашавад.

46 Дар мавриди тағйирёбии шартномаи иҷора, ки ба сифати шартномаи алоҳидаи иҷора ба инобат гирифта намешавад, иҷорагир бояд азнаварзёбии уҳдадории иҷораро ба тарзи зерин ба инобат гирад:

(а) тавассути коҳиш додани арзиши тавозунии дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро ҷиҳати инъикоси қатъ намудани шартномаи иҷора ба таври ҷузъӣ ё пурра дар сурати тағйирёбии шартномаи иҷора, ки доираи татбиқи шартномаи иҷораро кам менамояд. Иҷорагир бояд дар таркиби фоида ё зарар фоида ё зарареро, ки бо қатъ намудани шартномаи иҷора ба таври ҷузъӣ ё пурра вобаста мебошад, эътироф намояд;

(б) ба тарзи мувофиқ тавассути тасҳеҳ намудани дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода бо назардошти тамоми тағйирёбиҳои дигари шартномаи иҷора.

46А Ба сифати соддагардонии хусусияти амалӣ иҷорагир метавонад ҷиҳати таҳлил накардани ин омил қарор қабул кунад, ки оё имтиёз дар иҷораи тибқи шартҳои банди 46Б тағйирёбии шартномаи иҷора маҳсуб меёбад ё намеёбад. Иҷорагир, ки чунин қарор қабул менамояд, бояд ҳама гуна тағйироти пардохти иҷоравиро, ки тавассути имтиёзи зикршудаи иҷора қайду шарт шудааст, бо ҳамон тарзе ба инобат гирад, ки ин тағйирот дар мавриди баҳисобгирӣ тибқи Стандарти мазкур муаррифӣ шавад, агар он тағйирёбии шартномаи иҷора маҳсуб наёбад.

46Б Соддагардонии хусусияти амалӣ, ки дар банди 46А зикр шудааст, танҳо дар мавриди имтиёзҳо аз рӯйи иҷора қобили қабул буда, ба сифати натиҷаи мустақими пандемияи "«Covid-19»" ва фақат ҳангоми мутобиқат бо шартҳои зерин ба вуҷуд меояд:

(а) тағйироти пардохти иҷоравӣ боиси маблағи азнавдидишудаи ҷуброн барои иҷора мегардад ва дар ин маврид маблағи ҷуброн амалан ҳамон тавр боқӣ мемонад ё боиси маблағи камтар аз маблағи ҷуброн барои иҷора, дар он мавриди бевосита қабл аз бавуҷудоии ин тағйирот, мегардад;

(б) ҳама гуна коҳишёбии пардохти иҷоравӣ танҳо ба он пардохте тааллуқ дорад, ки тибқи шартномаи аввалия бояд на дертар аз 30 июни соли 2022 мавриди пардохт қарор мегирифтанд (масалан, имтиёз аз рӯйи иҷора ба шарти мазкур мутобиқат менамояд, агар дар натиҷаи ин имтиёз пардохти иҷоравӣ то 30 июни соли 2022 бо назардошти ин сана кам карда шуда, баъд аз санаи 30 июни соли 2022 баланд карда шаванд);

(в) дигар тағйироти муҳими талаботи шартномаи иҷора вуҷуд надорад.

## Пешниҳод

47 Иҷорагир бояд маълумоти зеринро дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ муаррифӣ кунад ё дар эзоҳот онро ифшо намояд:

(а) дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода ба таври алоҳида аз дигар дороиҳо. Агар иҷорагир дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодаро ба таври алоҳида дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ пешниҳод накунад, иҷорагир бояд:

(i) дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодаро дар ҳамон моддае, ки аз рӯйи он дороиҳои асосии дахлдор пешниҳод шудаанд, ворид кунад, агар онҳо дар моликият қарор доштанд;

(ii) маълумотро дар бораи он, ки кадом моддаҳо дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ чунин дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодаро фаро мегиранд, ифшо намояд.

(б) уҳдадорӣ аз рӯйи иҷора ба таври алоҳида аз дигар уҳдадориҳо. Агар иҷорагир дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ уҳдадорӣ аз рӯйи иҷораро ба таври алоҳида пешниҳод накунад, иҷорагир бояд маълумотро дар бораи он, ки кадом моддаҳо дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ чунин уҳдадориҳоро фаро мегиранд, ифшо намояд.

48 Талаботи банди 47(а) дар робита бо дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода, ки муқаррароти амволи сармоягузориро таъмин менамоянд ва бояд дар ҳисобот дар ораи ҳолати молиявӣ ба сифати амволи сармоягузорӣ муаррифӣ шаванд, мавриди татбиқ қарор намегирад.

49 Дар ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар маҷмуи даромад иҷорагир бояд хароҷоти фоизнокро аз рӯйи уҳдадории иҷора ба таври алоҳида аз истеҳлоки дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода нишон диҳад. Хароҷоти фоизнок аз рӯйи уҳдадории иҷора ҷузъи хароҷот аз рӯйи маблағгузорӣ маҳсуб меёбад, ки тибқи банди 82(б) СББМ 1 *"Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ"* бояд ба таври алоҳида дар ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар маҷмуи даромад муаррифӣ карда шавад.

50 Дар ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ иҷорагир бояд инҳоро мавриди гурӯҳбандӣ қарор диҳад:

(а) пардохти пулӣ дар робита бо маблағи асосии уҳдадории иҷора дар таркиби фаъолияти молиявӣ;

(б) пардохти пулӣ дар робита бо фоизҳо аз рӯйи уҳдадории иҷора бо истифодаи талаботи СББМ 7 *"Ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ"* барои фоизҳои пардохтшуда;

(в) пардохт аз рӯйи иҷораи кутоҳмуддат, пардохт аз рӯйи иҷораи дороиҳои дорои арзиши паст ва пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ, ки ба арзёбии уҳдадории иҷора, дар таркиби фаъолияти амалиётӣ ворид карда нашудаанд.

## Ифшои маълумот

**51 Мақсади ифшои маълумот дар ошкор намудани маълумот аз ҷониби иҷорагирандагон дар эзоҳоте, ки ҳамроҳ бо маълумоти дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ, ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ пешниҳод гардидааст, ифода гардида, ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати арзёбии таъсири шартномаҳои иҷора ба ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои молиявӣ ва воситаҳои пулии иҷорагир асос муҳайё менамояд. Дар бандҳои 52-60 талабот зикр шудааст, ки чӣ гуна ба ин мақсад дастрасӣ ёфтанро баён менамояд.**

52 Иҷорагир бояд маълумотро дар бораи шартномаҳои иҷораи худ ифшо намояд, ки дар онҳо, дар як эзоҳ ё дар боби алоҳидаи ҳисоботи молиявии худ, он иҷорагир маҳсуб меёбад. Лекин ба иҷорагир зарурат вуҷуд надорад, ки маълумоти қаблан дар ягон мавқеи ҳисоботи молиявӣ муаррифишударо такроран зикр кунад, бо он шарте, ки чунин маълумот дар як эзоҳ ё боби алоҳида дар бораи иҷора тавассути иртиботи мутақобил ворид гардида бошад.

53 Иҷорагир бояд маблағи зеринро дар давоми давраи ҳисоботӣ ифшо намояд:

(а) истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода тибқи намуди дороии асосӣ;

(б) хароҷоти фоизнок аз рӯйи уҳдадориҳои иҷора ;

(в) хароҷоте, ки ба иҷораи кутоҳмуддат мансуб буда, бо истифодаи банди 6 ба инобат гирифта мешавад. Чунин хароҷот набояд хароҷотеро фаро гирад, ки ба шартномаи иҷора аз рӯйи мӯҳлати иҷораи на бештар аз як моҳ мансуб бошад;

(г) хароҷоте, ки ба иҷораи дороиҳои дорои арзиши паст мансуб буда, бо истифодаи банди 6 ба инобат гирифта мешавад. Чунин хароҷот набояд хароҷотеро фаро гирад, ки ба иҷораи кутоҳмуддати иҷораи дороиҳои дорои арзиши паст мансуб бошад, ки дар банди 53(в) зикри он рафтааст;

(ғ) хароҷоте, ки ба пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ мансуб буда, ба арзёбии уҳдадорӣ аз рӯйи иҷора ворид карда нашудааст;

(д) даромад аз зериҷораи дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода;

(е) хароҷоти умумии пулӣ барои шартномаҳои иҷора;

(ё) афзоиши дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода;

(ж) фоида ё зараре, ки тибқи амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс қайду шарт гардидааст;

(з) арзиши тавозунии дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода дар интиҳои давраи ҳисоботӣ тибқи намуди дороии асосӣ.

54 Иҷорагир бояд маълумоти дар банди 53 дар шакли ҷадвал зикршударо ифшо намояд, ба истиснои ин ҳолатҳо, ҳангоме, ки дигар қолаб қобили қабул маҳсуб меёбад. Маблағи ифшошаванда бояд хароҷотеро фаро гирад, ки иҷорагир ба арзиши тавозунии дигар дороӣ дар муддати давраи ҳисоботӣ ворид кардааст.

55 Иҷорагир бояд маблағи уҳдадориҳои шартномавии худро аз рӯйи иҷора барои иҷораи кутоҳмуддат, ки бо истифодаи банди 6 ба инобат гирифта шудааст, ифшо намояд, агар портфели шартномаҳои кутоҳмуддати иҷора, ки тибқи он иҷорагир дар интиҳои давраи ҳисоботӣ уҳдадориҳои шартномавӣ дорад, аз портфели шартномаҳои кутоҳмуддати иҷора, ки ба он хароҷоти шартномаҳои

кутоҳмуддати иҷора мансуб буда, маълумоти марбут ба он бо истифодаи банди 53(в) ошкор мегардад, фарқ намояд.

56 Агар дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода муқаррароти амволи сармоягузориро таъмин кунанд, иҷорагир бояд талаботро вобаста ба ифшои маълумот дар СББМ 40 татбиқ намояд. Дар ин маврид иҷорагир уҳдадор намебошад маълумотро мутобиқи бандҳои 53(а), (д), (ё) ва (з) барои чунин дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода ифшо намояд.

57 Агар иҷорагир дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро аз рӯйи арзиши азнаварзёбигардида бо истифодаи СББМ 16 арзёбӣ кунад, иҷорагир бояд маълумотеро, ки барои чунин дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода банди 77 СББМ 16 талаб менамояд, ифшо намояд.

58 Иҷорагир бояд таҳлили муҳлати пардохти уҳдадорӣ аз рӯйи иҷораро бо истифодаи бандҳои 39 ва Б11 СБҲМ 7 *"Воситаҳои молиявӣ: ифшо"* ба таври алоҳида аз таҳлили муҳлати пардохти дигар уҳдадориҳои молиявӣ ифшо намояд.

59 Дар баробари ифшои маълумот тибқи бандҳои 53 – 58 иҷорагир бояд маълумоти иловагии сифатӣ ва миқдориро дар бораи фаъолияти иҷоравии худ, ки барои дастрасӣ ба мақсади ифшои маълумот дар банди 51 (чӣ тавре, ки дар банди Б48 тавсиф шудааст) зарур мебошад, ошкор намояд. Чунин маълумоти иловагӣ метавонад дар миёни дигар маълумот иттилоотеро фаро гирад, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати арзёбии инҳо мусоидат менамояд:

(а) моҳияти фаъолияти иҷоравии иҷорагир;

(б) хароҷоти пулии оянда, ки иҷорагир ба таври билқувва ба он вобаста гардида, ҳангоми арзёбии уҳдадории иҷора инъикос намеёбад. Ба ин хароҷоте тааллуқ дорад, ки бо мавридҳои зерин қайду шарт шудааст:

(i) пардохти иҷоравии тағйирёбанда (чӣ тавре, ки дар банди Б49 тавсиф шудааст);

(ii) опсионҳо барои тамдид ва опсионҳо барои қатъёбӣ (чӣ тавре, ки дар банди Б50 тавсиф шудааст);

(iii) кафолати арзиши барҳамхуранда (чӣ тавре, ки дар банди Б51 тавсиф шудааст);

(iv) иҷорае, ки муҳлати он ҳоло оғоз нагардида, тибқи он иҷорагир дорои уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад;

(в) маҳдудиятҳо ё ковенантҳои бо иҷора қайду шартшуда;

(г) амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс (чӣ тавре, ки дар банди Б52 тавсиф шудааст);

60 Иҷорагире, ки иҷораи кутоҳмуддат ё иҷораи дороиҳо бо арзиши пастро бо истифодаи банди 6 мавриди эътибор қарор медиҳад, бояд ин далелро ифшо намояд.

60А Агар иҷорагир соддакардашудаи дар банди 46А зикршударо, ки хусусияти амалӣ дорад, татбиқ намояд, иҷорагир бояд инҳоро ифшо созад:

(а) далели татбиқи соддагардонии дорои хусусияти амалӣ нисбат ба ҳама имтиёзҳо аз рӯйи иҷора, ки талаботи банди 46Б-ро таъмин менамоянд ё агар соддагардонии дорои хусусияти амалӣ нисбати на ҳама ҳама имтиёзҳо аз рӯйи иҷора татбиқ гардад, маълумот дар бораи хусусияти шартномаҳо, ки нисбати онҳо ҳамин соддагардонии дорои хусусияти амалӣ татбиқ гардидааст (ба банди 2 нигаред);

(б) бузургии дар таркиби фоида ё зарари дар давоми давраи ҳисоботӣ эътирофгардида, ки тағйироти пардохти иҷоравиро инъикос карда, бо имтиёзҳои иҷора қайду шартшуда, ки дар робита бо онҳо иҷорагир соддагардонии дорои хусусияти амалии дар банди 46А зикршударо татбиқ кардааст.

## Иҷорадеҳ

### Гурӯҳбандии иҷора (бандҳои Б53 - Б58)

**61 Иҷорадеҳ бояд ҳар кадом аз шартномаҳои иҷораи худро ба сифати *иҷораи амалиётӣ ё иҷораи молиявӣ* мавриди гурӯҳбандӣ қарор диҳад.**

**62 Иҷора ҳамчун иҷораи молиявӣ гурӯҳбандӣ мешавад, агар он амалан интиқоли тамоми хавф ва фоидаро, ки бо соҳибияти дороии асосӣ алоқаманд мебошад, ифода намояд. Иҷора ҳамчун иҷораи амалиётӣ гурӯҳбандӣ мешавад, агар он амалан интиқоли тамоми хавф ва фоидаро, ки бо соҳибияти дороии асосӣ алоқаманд мебошад, ифода нанамояд.**

63 Гурӯҳбандии иҷора ба сифати иҷораи молиявӣ ё амалиётӣ бо дараҷаи баланд нисбат ба шакли шартнома аз мазмуни амалиёт вобастагӣ дорад. Дар зер намунаи ҳолатҳое оварда шудаанд, ки ба таври алоҳида ё ба таври маҷмуӣ одатан боиси гурӯҳбандии иҷора ба сифати иҷораи молиявӣ мегарданд:

(а) шартномаи иҷора гузариши ҳуқуқи соҳибмулкиро ба дороии асосии иҷорагир дар интиҳои мӯҳлати иҷора пешбинӣ менамояд;

(б) иҷорагир дорои опсион барои хариди дороии асосӣ аз рӯйи нархе мебошад, ки интизор меравад ба ҳадде поёнтар аз арзиши одилона дар санаи иҷрои ин опсион бошад, ки дар санаи ибтидои муносибатҳои иҷоравӣ метавонад бо боварии комил иҷроиши ин опсионро интизор шуд;

(в) мӯҳлати иҷора қисмати назарраси *мӯҳлати истифодаи иқтисодии* дороии асосиро ташкил медиҳад, ҳатто агар ҳуқуқи соҳибмулкӣ интиқол нагардад;

(г) дар санаи оғози муносибатҳои иҷоравӣ арзиши воқеии пардохти ҳадди аксари иҷоравӣ амалан бо арзиши одилонаи дороии асосӣ баробар мегардад;

(ғ) дороии асосӣ дорои чунин хусусияти махсус мебошад, ки танҳо иҷорагир метавонад онро бидуни тағйирёбии муҳим истифода намояд.

64 Дар зер нишонаҳое оварда шудаанд, ки ба таври алоҳида ё ба таври маҷмуӣ метавонанд инчунин боиси гурӯҳбандии иҷора ҳамчун иҷораи молиявӣ гарданд:

(а) агар иҷорагир дорои ҳуқуқи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани шартномаи иҷора бошад, ки ҳангоми он зарари бо қатъёбии шартнома марбутбудаи иҷорадеҳ ба иҷорагир мансуб гардад;

(б) фоида ё зарар аз тағйирёбии арзёбии одилонаи арзиши барҳамхуранда ба иҷорагир ҳисобу зам карда шавад (масалан, дар шакли тахфиф аз пардохти иҷора, ки бо қисмати зиёди даромад аз фурӯш дар интиҳои мӯҳлати иҷора баробар мебошад);

(в) иҷорагир дорои имконияти тамдид намудани иҷора ба як мӯҳлати дигар дар сатҳи маблағи иҷора ба таври қобили таваҷҷуҳи поёнтар аз сатҳи бозорӣ бошад.

65 Намунаҳо ва нишонаҳое, ки дар бандҳои 63- 64 оварда шудаанд, на ҳамеша ҷиҳати хулосаи возеҳ мусоидат менамоянд. Агар омилҳои дигар ба таври равшан дар бораи мавҷуд набудани ба таври амалӣ гузаштани ҳама хавф ва фоидаи бо соҳибмулкии дороии асосӣ марбутбуда шаҳодат диҳанд, иҷора ҳамчун иҷораи амалиётӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад. Масалан, ин метавонад он вақт воқеъ гардад, агар дороӣ дар интиҳои мӯҳлати иҷора ба ивази пардохти собитнашуда, ки дар ҳамон муддати вақт бо арзиши одилонаи дороӣ баробар мебошад, ба соҳибмулкӣ интиқол дода шавад ё агар пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ пешбинӣ гардида бошанд, ки дар натиҷаи онҳо амалан тамоми чунин хавф ва фоида ба иҷорагир интиқол наёбанд.

66 Гурӯҳбандии иҷора дар санаи оғози муносибатҳои иҷоравӣ амалӣ гардида, ба таври такрорӣ дар мавриди тағйирёбии шартномаи иҷора комилан таҳлил карда мешавад. Тағйирот дар ҳисобҳои арзёбишаванда (масалан, тағйирот дар арзёбии ҳисоббаробарии мӯҳлати истифодаи иқтисодӣ ё арзиши барҳамхурандаи дороии асосӣ) ё тағйирот дар ҳолатҳо (масалан, иҷро нагардидани ӯҳдадории хусусӣ аз ҷониби иҷорагир) боиси зарурати гурӯҳбандии нави иҷора бо мақсади баҳисобгирӣ намегарданд.

## Иҷораи молиявӣ

### Эътироф ва арзёбӣ

**67 Дар санаи оғози иҷора иҷорадеҳ бояд дар ҳисоботи худ дар бораи ҳолати молиявӣ дороиҳоеро, ки дар иҷораи молиявӣ қарор доранд, эътироф намуда, онҳоро ба сифати қарзи дебиторӣ, бо маблағе, ки бо сармояи *сармоягузории софи ба иҷора* додашуда баробар мебошад, муаррифӣ кунад.**

#### *Арзёбии аввалия*

68 Иҷорадеҳ бояд меъёри фоизеро, ки дар шартномаи иҷора ба асос гузошта шудааст, ҷиҳати арзёбии сармоягузории софи ба иҷора додашуда истифода намояд. Дар сурати зериҷора, агар меъёри фоизе, ки дар шартномаи зериҷора ба асос гузошта шудааст, ба таври осон муайян нагардад, иҷорадеҳи фосилавӣ метавонад меъёри тахфифро, ки барои шартномаи асосӣ истифода мегардад (бо

назардошти хароҷоти аввалияи мустақим тасҳеҳ шудааст, ки бо зериҷора марбут мебошад), барои арзёбии сармоягузории софи дар зериҷора қарордошта мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳад.

69 Хароҷоти аввалияи мустақими аз он хароҷот фарқкунанда, ки иҷорадиҳандагони ба сифати истеҳсолкунанда ё даллол шиносоишуда сарф менамоянд, ба арзёбии аввалияи сармоягузории софи дар иҷорақарордошта дохил карда шуда, маблағи даромадеро, ки дар муддати мухлати иҷора эътироф шудааст, коҳиш медиҳад. Меъёри фоизи дар шартномаи иҷора асосгузошташуда ба ин тариқ муайян карда мешавад, ки хароҷоти аввалияи мустақим ба таври худкор ба сармоягузории софи дар иҷора қарордошта ворид мегардад; зарурати ба таври алоҳида воридшавии он вуҷуд надорад.

### Арзёбии аввалияи пардохти иҷора, ки ба сармоягузории соф дар иҷора ворид карда шудаанд

70 Дар санаи оғози иҷора пардохти иҷоравие, ки ба арзёбии сармоягузории софи иҷора ворид мешаванд, аз пардохти зерини ҳуқуқи истифодаи дороии асосӣ дар муддати мухлати иҷора таркиб ёфтаанд, ки дар санаи оғози иҷора ба даст оварда нашудаанд:

(а) пардохти собитшуда (аз ҷумла пардохти моҳиятан собитшуда, чӣ тавре, ки дар банди 42 тавсиф шудааст) бо тарҳи ҳама гуна пардохти ҳавасмандкунанда аз рӯйи иҷора барои пардохт;

(б) пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ, ки аз шохис ва меъёр вобаста буда, дар ибтидо бо истифодаи шохис ё меъёр дар санаи оғози иҷора арзёбӣ шудаанд;

(в) арзиши барҳамхуранда, ки аз иҷорагир ба иҷорадеҳ кафолат дода шуда, бо иҷорагир ё шахси сеюм, ки бо иҷорадеҳи дар муносибати молиявӣ дорои имконияти иҷрои уҳдадорӣ аз рӯйи кафолат робита надорад;

(г) нархи иҷрои опсион барои фурӯш, агар боварии комил вуҷуд дошта бошад, ки иҷорагир ин опсионро иҷро менамояд (опсионе, ки бо назардошти омилҳои дар банди Б37 тавсифшуда, арзёбӣ гардидааст);

(ғ) пардохти ҷаримаҳо барои қатъёбии иҷора, агар мухлати иҷора аз ҷониби иҷорагир иҷроиши опсион барои қатъёбии иҷораро инъикос кунад.

### Иҷорадиҳандагоне, ки истеҳсолкунанда ё даллол мебошанд

71 Дар санаи оғози иҷора иҷорадеҳе, ки истеҳсолкунанда ё даллол маҳсуб меёбад, тибқи ҳар як шартномаи иҷораи молиявӣ бояд инҳоро эътироф намояд:

(а) даромад аз фурӯш, ки арзиши одилонаи дороии асосӣ ё (агар он камтар бошад) арзиши воқеии пардохти иҷоравӣ, ки ба иҷорадеҳ пардохт шуда бо истифодаи меъёри фоизи бозорӣ тахфиф гардидаанд;

(б) арзиши аслии фурӯш, ки бо арзиши аввалия ё арзиши тавозунии (агар он фарқ намояд) дороии асосӣ бо тарҳи арзиши воқеии *арзиши барҳамхурандаи кафолатнагардида;*

(в) фоида ё зарар аз фурӯш (ки фарқияти байни даромад аз фурӯш ва арзиши аслии фурӯшро ифода менамоянд) тибқи сиёсат дар робита бо фурӯши мустақим, ки нисбат ба он СБҲМ 15 татбиқ мегардад. Иҷорадеҳ, ки истеҳсолкунанда ё даллол мебошад, бояд фоида ё зарари фурӯш аз рӯйи иҷораи молиявиро дар санаи оғози иҷора новобаста аз интиқоли дороии асосӣ ба иҷорадеҳ, чӣ тавре, ки дар СБҲМ 15 тавсиф шудааст, эътироф намояд.

72 Истеҳсолкунандагон ва даллолон аксаран ба муштариён ҳуқуқи интихоб байни харид ва иҷораи дороиро мегузоранд. Пешниҳоди дороӣ ба иҷораи молиявӣ аз ҷониби иҷорадеҳ, инчунин интеҳсолкунанда ё даллол боиси бавуҷудоии фоида ё зарари ҳамарзиши фоида ё зарар аз фурӯши мустақими дороии асосӣ тибқи нархи муқаррарии фурӯш бо назардошти тахфифҳои яклухт ва тиҷоратии қобили қабул мегардад.

73 Иҷорадиҳандагон, ки истеҳсолкунанда ё даллол маҳсуб меёбанд, баъзан барои ҷалби муштариён меъёрҳои фоизноки ба таври сунъӣ пастгардидаро эълон менамоянд. Истифодаи чунин меъёр боиси он мешавад, ки дар санаи оғози иҷора қисмати хеле зиёди даромади умумӣ аз амалиёт эътироф карда мешавад. Агар меъёрҳои фоизноки ба таври сунъӣ пастгардида эълон гардида бошанд, иҷорадиҳандагоне, ки истеҳсолкунанда ё даллол маҳсуб меёбанд, бояд фоида аз фурӯшро бо миқдоре, ки ҳангоми истифодаи меъёри фоизи бозорӣ ба даст оварда шудааст, маҳдуд кунанд.

74 Иҷорадеҳе, ки истеҳсолкунанда ё даллол маҳсуб меёбад, бояд ба сифати хароҷоти масрафе, ки дар робита бо мувофиқати шартномаи иҷора дар санаи оғози иҷора сарф гардидааст, эътироф намояд,

зеро он асосан ба гирифтани фоида аз фурӯш аз ҷониби истеҳсолкунанда ё даллол равона шудааст. Хароҷоти бо мувофиқат ё бастани шартномаи иҷораи молиявӣ аз ҷониби иҷорадеҳе, ки истеҳсолкунанда ё даллол маҳсуб меёбад, сарфшуда аз муқаррароти хароҷоти мустақими аввалия ва мутобиқан аз таркиби сармоягузории софи иҷора хориҷ карда мешавад.

### *Арзёбии минбаъда*

**75 Иҷорадеҳ бояд даромади молиявиро дар муддати муҳлатии иҷора дар асоси ҷадвале, ки меъёри тағйирнопазири давраинаи даромаднокиро аз рӯйи сармоягузории софи дар иҷора қарордошта инъикос менамояд, мавриди эътироф қарор диҳад.**

76 Иҷорадеҳ кӯшиш ба харҷ медиҳад даромади молиявиро бо истифодаи равиши мунтазам ва маҳсулнок дар тамоми муҳлати иҷора тақсим кунад. Иҷорадеҳ бояд пардохти иҷоравии давраро бо коҳиш додани ҳам маблағи асосии қарз ва ҳам *даромади молиявии коркарданашуда* ба коҳишёбии *сармоягузории нософи дар иҷора* қарордошта мансуб кунад.

77 Иҷорадеҳ бояд талаботро дар робита бо қатъёбии эътироф ва таваррум, ки СБҲМ 9 нисбат ба сармоягузории софи иҷора пешбинӣ кардааст, истифода барад. Иҷорадеҳ бояд ба таври мунтазам арзёбиҳои ҳисоббаробарии арзиши барҳамхурандаи кафолатнагардидаро, ки ҳангоми ҳисоббаробарии сармоягузории нософи иҷора истифода шудааст, тафтиш кунад. Ҳангоми коҳишёбии арзиши барҳамхурандаи кафолатнагардидаи ҳисоббаробаришуда иҷорадеҳ бояд нақшаи тақсимоти даромад дар муҳлати иҷораро аз нав дида баромада, фавран коҳишёбии маблағи қаблан ҳисобу замшударо эътироф намояд.

78 Иҷорадеҳ бояд дороиеро, ки василаи иҷораи молиявӣ маҳсуб меёбад, ҳамчун барои фурӯш пешбинигардида (ё онро ба гурӯҳи хориҷшаванда, ки ҳамчун барои фурӯш пешбинигардида гурӯҳбандӣ мешавад, дохил менамояд), тибқи СБҲМ 5 *“Дороиҳои ғайригардишии барои фурӯш таъйиншуда ва фаъолияти қатъшуда”* гурӯҳбандӣ намуда, бояд чунин дороиро тибқи стандарти зикргардида дар баҳисобгирӣ нишон диҳад.

### Тағйирёбии шартномаи иҷора

79 Иҷорадеҳ бояд тағйирёбии шартномаи иҷораи молиявиро ба сифати шартномаи алоҳидаи иҷора дар сурати риояи ин ду шарт ба инобат гирад:

(а) тағйирёби доираи татбиқи шартномаи иҷораро аз ҳисоби замкунии ҳуқуқи истифода ба як ё якчанд дороиҳои асосӣ афзун менамояд;

(б) ҷуброн барои иҷора бо маблағи мутаносиб бо нархи фурӯши махсус ҷиҳати афзун намудани доираи татбиқ, инчунин барои тасҳеҳоти дахлдори чунин нархи фурӯши махсус, ки ҳолати шартномаи муайянро инъикос менамояд, зиёд мегардад.

80 Дар мавриди тағйирёбии шартномаи иҷораи молиявӣ, ки ба сифати шартномаи алоҳидаи иҷора ба инобат гирифта намешавад, иҷорадеҳ бояд тағйирёбиро ба тарзи зерин ба инобат гирад:

(а) агар иҷора ба сифати иҷораи амалиётӣ ҳангоми эътибор пайдо намудани тағйирёби дар санаи оғози муносибатҳои иҷоравӣ мавриди гурӯҳбандӣ қарор гирифта бошад, иҷорадеҳ бояд:

(i) тағйирёбии шартнгомаи иҷораро ба сифати шартномаи нави иҷора аз санаи мавриди эътибор пайдо намудани тағйирёбии шартномаи иҷора ба инобат гирад;

(ii) арзиши тавозунии дороии асосиро бо маблағи сармоягузории софи иҷора ба таври мустақим қабл аз санаи мавриди эътибор пайдо намудани тағйирёбии шартномаи иҷора арзёбӣ кунад.

(б) дар мавриди акс иҷорадеҳ бояд талботи СБҲМ 9-ро татбиқ намояд.

## Иҷораи амалиётӣ

### Эътироф ва арзёбӣ

**81 Иҷорадеҳ бояд пардохти иҷоравӣ аз рӯйи амалиёти иҷоравиро ба сифати даромади усули хаттӣ ё дигар усули низомнок эътироф намояд. Иҷорадеҳ бояд дигар усули низомнокро татбиқ намояд, агар чунин усул инъикоси муносибтари ҷадвали коҳиши фоида аз истифодаи дороии асосиро таъмин намояд.**

 © Фонд СБҲМ

82 Иҷорадеҳ бояд хароҷот, аз ҷумла, хароҷот барои истеҳлокро, ки ҳангоми гирифтани даромад аз иҷора сарф гардидааст, ба сифати хароҷот эътироф намояд.

83 Иҷорадеҳ бояд хароҷоти аввалияи мустақимро, ки ҳангоми мувофиқати шартномаи иҷораи амалиётӣ сарф кардааст, ба арзиши тавозунии дороии асосӣ изофа карда, чунин масрафро ба сифати хароҷот дар давоми муҳлати иҷора, бо истифодаи ҳамон принсипҳое, ки нисбати даромад аз иҷора татбиқ мегарданд, мавриди эътироф қарор диҳад.

84 Сиёсати баҳисобгирӣ аз рӯйи истеҳлок, ки дар робита бо дороиҳои асосии истеҳлокшаванда татбиқ гардида, василаи иҷораи амалиётӣ ба ҳисоб мераванд, бояд бо сиёсати муқаррарии истеҳлок, ки дар робита бо дороиҳои ҳаммонанд аз ҷониби иҷорадеҳ қабул гардидааст, мутобиқат намояд. Иҷорадеҳ бояд маблағи истеҳлокро тибқи СББМ 16 ва СББМ 38 ба инобат гирад.

85 Иҷорадеҳ бояд СББМ 36-ро барои муайянсозии таварруми дороии асосӣ, ки василаи иҷора ва баҳисобгирии зарари аз таваррум ошкоршуда маҳсуб меёбад, татбиқ намояд.

86 Иҷорадеҳе, ки истеҳсолкунанда ё даллол маҳсуб мееёбад, ҳангоми бастани шартномаи иҷораи амалиётӣ фоида аз фурӯшро эътироф намекунад, зеро иҷораи амалиётӣ ҳамарзиши фурӯш ба ҳисоб намеравад.

### *Тағйирёбии шартномаи иҷора*

87 Иҷорадеҳ бояд тағйирёбии шартномаи иҷораи амалиётиро ба сифати шартномаи нави иҷора аз санаи эътибор пайдо намудани тағйирёбӣ бо ба инобат гирифтани ҳама гуна пардохти қаблан иҷрошуда ё пардохтгардида, ки бо иҷораи аввалия ҳамчун қисмати пардохти иҷоравӣ барои шартномаи нави иҷора алоқаманд мебошад, мавриди гурӯҳбандӣ қарор диҳад.

### Пешниҳод

88 Иҷорадеҳ бояд дар ҳисоботи худ дар бораи ҳолати молиявӣ дороиҳои асосиеро, ки мавзӯи иҷораи амалиётӣ мебошанд, тибқи моҳияти чунин дороиҳои асосӣ пешниҳод намояд.

## Ифшои маълумот

**89 Мақсади ифшои маълумот дар ошкор намудани маълумот аз ҷониби иҷорадеҳ дар эзоҳот ифода мегардад, ки ҳамроҳ бо маълумоти дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ, ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ пешниҳод гардида, ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати арзёбии таъсири шартномаҳои иҷора ба ҳолати молиявӣ, нишондиҳандаҳои молиявӣ ва воситаҳои пулии иҷорадеҳ асос муҳайё менамояд. Дар бандҳои 90 - 97 талабот дар бобати дастрасӣ ба ин мақсад зикр гардидааст.**

90 Иҷорадеҳ бояд маблағи зеринро дар давраи ҳисоботӣ ифшо намояд:

(а) барои иҷораи молиявӣ;

(i) фоида ё зарар аз фурӯш;

(ii) даромади молиявӣ аз рӯйи сармоягузории софи иҷора;

(iii) даромаде, ки ба пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ мансуб буда, ба арзёбии сармоягузори софи иҷора дохил нагардидааст;

(б) барои иҷораи амалиётӣ – даромад аз иҷора, ба таври алоҳида ифшои маълумот дар бораи даромаде, ки ба пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ мансуб буда, аз шохис ё меъёр вобаста намебошад.

91 Иҷорадеҳ бояд маълумоти дар банди 90 зикршударо дар намуди ҷадвал ифшо намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дигар қолаб қобили қабул арзёбӣ нагардад.

92 Иҷорадеҳ бояд маълумоти сифатӣ ва миқдориро дар бораи фаъолияти иҷоравии худ, ки барои дастрасии мақсади ифшои маълумоти банди 89 зарур мебошад, ифшо намояд. Чунин маълумоти иловагӣ метавонад дар миёни дигар маълумот дигар иттилоотеро фаро гирад, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати арзёбӣ намудани инҳо кумак расонад:

(а) моҳияти фаъолияти иҷоравии иҷорадеҳ;

(б) чӣ тавр аз ҷониби иҷорадеҳ идора намудани хавфи марбут бо ҳуқуқҳое, ки он дар дороиҳои асосӣ ҳифз кардааст. Хусусан, иҷорадеҳ бояд маълумотро дар бораи стратегияи худ ҷиҳати идораи хавф барои ҳуқуқҳое, ки дар дороиҳои асосӣ ҳифз кардааст, аз ҷумла, ҳама гуна воситаҳое, ки иҷорадеҳ тавассути онҳо чунин хавфро кам менамояд, ифшо

намояд. Чунин воситаҳо метавонанд, барои мисол, созишнома дар бораи хариди такрорӣ, кафолати арзиши барҳамхуранда ё пардохти тағйирёбандаи иҷоравиро барои истифодаи меъёрҳои муқарраршудаи аз ҳадди лозима зиёд фаро гиранд.

### Иҷораи молиявӣ

93 Иҷорадеҳ бояд маълумоти сифатӣ ва миқдориро, ки тағйироти назарраси арзиши тавозунии сармоягузории софи иҷораи молиявиро тавсиф менамояд, муаррифӣ намояд.

94 Иҷорадеҳ бояд маълумот дар бораи таҳлили қарзҳои дебиториро тибқи мӯҳлати пардохт аз рӯйи пардохти иҷоравӣ ифшо намояд, ки пардохти иҷоравии тахфифнашударо ба сурати солона ҳадди ақал барои ҳар як аз панҷ соли аввал ва маблағи умумиро барои солҳои боқимонда инъикос кунад. Иҷорадеҳ бояд муқоисаи пардохти иҷоравии тахфифнашуда бо сармоягузории софи иҷораро анҷом диҳад. Дар муқоиса бояд даромади молиявии коркарданашуда, ки ба қарзи дебитории пардохти иҷоравӣ ва арзиши барҳамхурандаи кафолатнагардида мансуб мебошад, ба таври барҷаста ҷудо нишон дода шавад.

### Иҷораи амалиётӣ

95 Дар мавриди объектҳои воситаҳои асосӣ, ки василаи иҷораи амалиётӣ маҳсуб меёбанд, иҷорадеҳ бояд талабот нисбат ба ифшои маълумот дар СББМ 16-ро татбиқ намояд. Бо татбиқи талабот нисбат ба ифшои маълумот дар СББМ 16 иҷорадеҳ бояд ҳар як намуди воситаҳои асосиро ба дороиҳо, ки василаи иҷораи амалиётӣ ба ҳисоб намераванд, ҷудо кунад. Аз ин рӯ, иҷорадеҳ бояд маълумотро тибқи СББМ 16 барои дороиҳое, ки василаи иҷораи амалиётӣ ба ҳисоб намераванд (тибқи намуди дороии асосӣ) ба таври алоҳида аз дороиҳое, ки дар моликият қарор дошта, аз ҷониби иҷорадеҳ ҳифз ва истифода мешаванд, ифшо намояд

96 Иҷорадеҳ бояд талаботи ифшои маълумоти СББМ 36, СББМ 38, СББМ 40 ва СББМ 41-ро барои дороиҳое, ки василаи иҷораи амалиётӣ маҳсуб меёбанд, татбиқ намояд.

97 Иҷорадеҳ бояд маълумот дар бораи таҳлили пардохти иҷоравиро тибқи мӯҳлати пардохт ифшо намояд, ки пардохти иҷоравии тахфифнашударо ба сурати солона ҳадди ақал барои ҳар як аз панҷ соли аввал ва маблағи умумиро барои солҳои боқимонда инъикос кунад.

## Амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс

98 Агар корхона (фурӯшанда-иҷорагир) дороиро ба дигар корхона (харидор -иҷорадеҳ) интиқол кунад ва ин дороиро аз харидор - иҷорадеҳ баръакс ба иҷора гирад, ҳам фурӯшанда-иҷорагир ва ҳам харидор -иҷорадеҳ бояд шартнома дар бораи интиқол ё иҷораро бо татбиқи бандҳои 99 – 103 ба инобат гиранд.

## Арзёбии он, ки оё интиқоли дорой фурӯш маҳсуб меёбад

99 Корхона ҳангоми муайянсозии зарурати баҳисобгирии интиқоли доройӣ ба сифати фурӯши ин доройӣ бояд талаботи СБҲМ 15-ро барои муайян намудани мавриди иҷрои уҳдадории иҷрошаванда татбиқ намояд.

### Интиқоли доройӣ фурӯш маҳсуб меёбад

100 Агар интиқоли доройӣ аз ҷониби фурӯшанда – иҷорагир талаботи СБҲМ 15-ро ҷиҳати баҳисобгирӣ ба сифати фурӯши доройӣ қонеъ намояд:

(а) фурӯшанда - иҷорагир бояд доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро, ки бо иҷораи баръакс қайду шарт гардидааст, ҳамчун қисмати арзиши тавозунии қаблии доройӣ, ки бо ҳуқуқи истифода робита дошта, аз ҷониби фурӯшанда – иҷорагир ҳифз шудааст, арзёбӣ намояд. Аз ин рӯ, фурӯшанда – иҷорагир бояд танҳо ҳамон маблағи фоида ё зарарро, ки ба ҳуқуқи ба харидор – иҷорадеҳ додашуда мансуб мебошад, эътироф намояд;

(б) харидор - иҷорадеҳ бояд хариди дороиро бо истифодаи стандартҳои дахлдор ва иҷораро бо татбиқи талабот нисбат ба баҳисобгирӣ аз ҷониби иҷорадеҳ дар Стандарти мазкур ба инобат гирад.


© Фонд СБҲМ

101 Агар арзиши одилонаи ҷуброн барои фурӯши дороӣ бо арзиши одилонаи дороӣ баробар набошад ё агар пардохт барои иҷора тибқи меъёрҳои бозорӣ амалӣ нашавад, корхона бояд тасҳеҳоти мазкурро ҷиҳати арзёбии воридоти маблағ аз фурӯш тибқи арзиши одилона иҷро кунад:

(а) ҳама гуна шартҳои аз бозор пасттар, бояд ҳамчун пешпардохти иҷорапулӣ ба инобат гирифта шавад;

(б) ҳама гуна шартҳои аз бозор баланд бояд ҳамчун маблағгузории иловагӣ ба инобат гирифта шавад, ки аз ҷониби харидор – иҷорадеҳ ба фурӯшанда – иҷорагир пешниҳод мегардад.

102 Корхона бояд ҳама гуна тасҳеҳоти билқуввагиро, ки тибқи банди 101 зарур мебошад, дар асоси бузургиҳои зерини ба таври осон муайяншаванда арзёбӣ намояд:

(а) фарқияти байни арзиши одилонаи ҷуброн барои фурӯш ва арзиши одилонаи дороӣ;

(б) фарқияти байни арзиши воқеии пардохти тибқи шартнома пешбининамудаи иҷора ва арзиши воқеии пардохти иҷора аз рӯйи меъёрҳои бозорӣ.

102A Пас аз санаи мавриди амал қарор гирифтан, фурӯшанда-иҷорагир бояд татбиқи муқаррароти бандҳои 29-35 вобаста ба ҳуқуқи истифодаи дороӣ ва бандҳои 36-46-ро вобаста ба уҳдадории иҷора, ки аз иҷораи баръакс бармеоянд таъмин намояд. Ҳангоми татбиқи бандҳои 36-46 фурӯшанда-иҷорагир бояд "пардохти иҷора" ё "пардохти иҷораи бозбинишуда"-ро тавре муқаррар намояд, ки ҳама гуна маблағи фоида ё зарари бо ҳуқуқи истифода алоқамандро ба инобат нагирад. Татбиқи талаботи банди мазкур барои дар таркиби фоида ё зарар эътироф намудани ҳама гуна фоида ё зарари ба қисман ё пурра қатъ гардидани шартномаи иҷора алоқамандро, чӣ гунае, ки онро банди 46(а) талаб менамояд, монеъ намегардад.

### Интиқоли дороӣ фурӯш маҳсуб намеёбад

103 Агар интиқоли дороӣ тавассути фурӯшанда – иҷорагир талаботи СБҲМ 15-ро барои баҳисобгирӣ ба сифати фурӯши дороӣ таъмин накунад:

(а) фурӯшанда – иҷорагир бояд эътирофи дороии интиқолёфтаро идома дода, бояд уҳдадории молиявиро ба андозаи маблағи аз интиқол воридгардида мавриди эътироф қарор диҳад. Он бояд уҳдадории молиявиро бо татбиқи СБҲМ 9 эътироф намояд.

(б) харидор – иҷорадеҳ набояд дороии интиқолшударо эътироф намояд ва бояд дороии молиявиро ба андозаи маблағи аз интиқол воридгардида мавриди эътироф қарор диҳад. Он бояд уҳдадории молиявиро бо татбиқи СБҲМ 9 эътироф намояд.

## Истисноҳои муваққатӣ, ки тавассути ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ қайду шарт шудаанд

104 Иҷорагир бояд бандҳои 105-106-ро нисбат ба ҳама тағйирёбиҳои шартномаи иҷора, ки боиси тағйироти асосҳо барои муайян намудани пардохти иҷоравии минбаъда дар натиҷаи ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ мегарданд, татбиқ намояд (ба бандҳои 5.4.6 ва 5.4.8 СБҲМ 9 нигаред). Бандҳои зерин танҳо нисбат ба чунин тағйирёбиҳои шартномаи иҷора татбиқ карда мешавад. Барои ин мақсад истилоҳи "ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ" ислоҳоти умумибозории меъёри фоизи асосиро мутобиқи тавсифи банди 6.8.2 СБҲМ 9 ифода менамояд.

105 Ба сифати соддагардонии хусусияти амалӣ иҷорагир бояд банди 42-ро татбиқ намояд, то ин ки тағйирёбии шартномаи иҷораро, ки тавассути ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ қайду шарт шудааст, ба инобат гирад. Соддагардонии хусусияти амалии мазкур танҳо нисбат ба чунин тағйирёбиҳо татбиқ мегардад. Барои ин мақсади тағйирёбии шартномаи иҷора ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ танҳо ва танҳо дар ин маврид талаб карда мешавад, агар ин ду шарти дар зер овардашуда риоя гарданд:

(а) зарурати тағйирёби натиҷаи мустақими ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ ба ҳисоб меравад;

(б) асоси нав барои муайянкунии пардохти иҷоравӣ асоси қаблии ҳамарзишии иқтисодӣ мебошад (яъне асосе, ки мустақиман пеш аз тағйирёби истифода бурда шудааст).

106 Бо вуҷуди ин, агар барилова ба тағйирёбиҳои шартномаи иҷора, ки тавассути ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ талаб карда мешавад, дигар тағйирёбиҳои шартномаҳои ичора воқеъ гарданд, иҷорагир бояд талаботи дахлдори Стандарти мазкурро татбиқ намояд, то ин, ки ҳама тағйирёбиҳои шарномаи иҷораро, ки ҳамзамон ба амал меоянд, аз ҷумла, тағйирёбии шартномаи иҷораро, ки тавассути ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ талаб карда мешавад, ба инобат гирад.

© Фонд СБҲМ

# Замимаи А
# Муқаррароти истилоҳот

*Замимаи мазкур қисмати ҷудонопазири Стандарти мазкур маҳсуб меёбад.*

| | |
|---|---|
| **Санаи оғози иҷора** | Санае, ки **иҷорадеҳ дороии асосиро** барои истифода ба **иҷорагир** дастрас мегардонад. |
| **Муҳлати истифодаи иқтисодӣ** | Давраи муайяни вақт, ки дар муддати он, чӣ тавре, ки пешбинӣ мегардад, истифодаи иқтисодии дороӣ аз ҷониби як ё якчанд истифодабарандагон имкон дорад ё миқдори воҳидҳои маҳсулот ё воҳидҳои шабеҳ, ки интизор меравад аз дороӣ тавассути як ё якчанд истифодабарандагон ба даст оварда шавад. |
| **Санаи эътибор пайдо намудани тағйирёбии шартнома** | Санае, ки дар он ҳарду тараф ҷиҳати **тағйирёбии шартномаи иҷора** розигӣ медиҳанд. |
| **Арзиши одилона** | Бо мақсади татбиқи талаботи Стандарти мазкур, ки ба доираи баҳисобгирии **иҷорадеҳ** таллуқ дорад – маблағе мебошад, ки бо он дороӣ мубодила карда мешавад ё дар қарордоди байни тарафҳои мустақили огоҳ, ки тамоюли анҷом додани чунин амалиётро доранд, ӯҳдадорӣ пардохта мешавад. |
| **Иҷораи молиявӣ** | **Иҷораест**, ки дар доираи он хавф ва фоида амалан интиқол меёбанд, ки бо ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба **дороии асосӣ** марбут мебошад. |
| **Пардохти собитшуда** | Пардохте, ки аз ҷониби **иҷорагир** ба манфиати **иҷорадеҳ** бо ҳуқуқи истифодаи **дороии асосӣ** дар муддати **муҳлати иҷора** анҷом мепазирад, ба истиснои **пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ**. |
| **Сармоягузории умумӣ ба иҷора** | Маблағ:<br>**Пардохти иҷоравӣ**, ки тибқи шартномаи **иҷораи молиявӣ ба иҷорадеҳ** пардохт мешавад.<br>**Арзиши барҳамхурандаи бидуни кафолат,** ки ба иҷорадеҳ пардохта мешавад. |
| **Санаи оғози муносибатҳои иҷоравӣ** | Санаи пештар аз санаи бастани шартномаи иҷора ва санаи қабули уҳдадориҳо аз ҷониби тарафҳо дар робита бо шартҳои асосии иҷора. |
| **Хароҷоти мустақими аввалия** | Хароҷоти иловагӣ, ки тавассути бастани шартномаи **иҷора** қайду шарт гардида, дар ҳолати баста нашудани шартномаи иҷора сарф намегардад, ба истиснои чунин хароҷоте, ки аз ҷониби **иҷорадиҳандагон**, ки истеҳсолкунанда ё даллол маҳсуб меёбанд, дар робита бо **иҷораи молиявӣ** сарф мешаванд. |
| **Меъёри фоизи шартномаи иҷора** | Меъёри фоизе, ки ҳангоми истифодаи он арзиши воқеии (а) **пардохти иҷоравӣ** ва (б) **арзиши барҳамхурандаи бидуни кафолат** бо маблағи (i) **арзиши одилонаи дороии асосӣ** ва (ii) **хароҷоти мустақими аввалияи** иҷорадеҳ баробар мегарданд. |
| **Иҷора** | Шартнома ё қисмати шартнома, ки мутобиқи он ҳуқуқи истифодаи дороӣ (**дороии асосӣ**) дар муддати давраи муайян ба ивази подош интиқол дода мешавад. |
| **Пардохти ҳавасмандкунандаи иҷора** | Пардохте, ки аз ҷониби иҷорадеҳ ба манфиати иҷорагир дар робита бо иҷора анҷом мепазирад ё подоши хароҷоти иҷорагир аз ҷониби иҷорадеҳ. |
| **Тағйирёбии шартномаи иҷора** | Тағйирёбии доираи татбиқи шартномаи **иҷора** ё ҷуброн барои иҷора, ки тавассути шартҳои аввалияи иҷора пешбинӣ нагардидааст (масалан, илова ё қатъи ҳуқуқи истифодаи як ё якчанд **дороиҳои асосӣ** ё афзуншавӣ ё ихтисори **муҳлати иҷораи** тавассути шартнома пешбинишуда). |
| **Пардохти иҷоравӣ** | Пардохте, ки аз ҷониби **иҷорагир** ба манфиати **иҷорадеҳ** дар робита бо ҳуқуқи истифодаи **дороии асосӣ** дар муддати **муҳлати иҷора** анҷом мепазирад, инҳоро дар ба мегирад:<br>(а) **пардохти собитшуда** (аз ҷумла, пардохти аз рӯйи моҳият собитшуда бо тарҳи |

 © Фонд СБҲМ

ҳама гуна пардохти **ҳавасмандкунандаи иҷора**;

(б) **пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ**, ки аз шохис ё меъёр вобаста мебошанд;

(в) нархи иҷрои опсион барои харид, агар боварии комил вуҷуд дошта бошад, ки иҷорагир ин опсионро иҷро менамояд;

(г) пардохти ҷаримаҳо барои қатъёбии **иҷора**, агар муҳлати иҷора иҷрои билқуввагии опсион барои қатъёбии иҷораро аз ҷониби иҷорагир инъикос кунад.

Дар мавриди иҷорагир пардохти иҷоравӣ, инчунин маблағеро фаро мегиранд, ки аз ҷониби иҷорагир тибқи **кафолатҳои арзиши барҳамхуранда** пардохта мешаванд. Пардохти иҷоравӣ маблағеро фаро намегиранд, ки ба ҷузъҳои шартномае, ки иҷора маҳсуб намеёбад, мансуб мебошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки иҷорагир ҷиҳати муттаҳидсозии ҷузъҳое, ки иҷора маҳсуб намеёбанд, бо ҷузъҳои иҷора ва ба инобат гирифтани онҳо ҳамчун як ҷузъи иҷора қарор қабул менамояд.

Дар мавриди иҷорагир пардохти иҷоравӣ, инчунин маблағеро фаро мегиранд, ки ба иҷорадеҳ аз ҷониби иҷорагир, тарафе, ки бо иҷорагир алоқаманд аст ё шахси сеюм, ки бо иҷорадеҳ алоқаманд намебошад, ки дар муносибатҳои молиявӣ дорои имконияти иҷрои уҳдадорӣ аз рӯйи кафолат мебошад пешниҳод карда мешаванд. Пардохти иҷоравӣ пардохтеро, ки ба ҷузъҳои шартнома мансуб буда, иҷора маҳсуб намеёбанд, фаро намегиранд.

| | |
|---|---|
| **Муҳлати иҷора** | Даврае, ки набояд пеш аз муҳлат қатъ гардад, ки дар муддати он **иҷорагир** ҳуқуқ дорад **дороии асосиро** ҳамроҳ бо инҳо истифода намояд:<br>(а) давраҳое, ки дар робита бо онҳо опсион барои тамдиди **иҷора** амал менамояд, агар боварии комил мавҷуд бошад, ки иҷорагир ин опсионро иҷро менамояд;<br>(б) давраҳое, ки дар робита бо онҳо опсион барои қатъёбии иҷора амал менамояд, агар боварии комил мавҷуд бошад, ки иҷорагир ин опсионро иҷро намекунад; |
| **Иҷорагир** | Корхонае, ки ҳуқуқи истифодаи **дороии асосиро** дар муддати муайян ба ивази подош қабул менамояд. |
| **Меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагӣ аз ҷониби иҷорагир** | Меъёри фоиз, ки тибқи он иҷорагир имкон дорад ба муҳлати шабеҳ ва ҳангоми таъмини мушобеҳ воситаҳои қарзиро, ки барои гирифтани дороӣ бо арзиши ҳаммонанди арзиши **дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода** дар шароити иқтисодии мушобеҳ зарур мебошанд, ҷалб намояд. |
| **Иҷорадеҳ** | Корхонае, ки ҳуқуқи истифодаи **дороии асосиро** дар муддати давраи муайян ба ивази ҷуброн пешниҳод менамояд. |
| **Сармоягузории софи иҷора** | **Сармоягузории умумии иҷора**, ки бо истифодаи меъёри фоизи дар шартномаи **иҷора асосгузошташуда** тахфиф шудааст. |
| **Иҷораи амалиётӣ** | Иҷорае, ки дар доираи он интиқоли амалии ҳама хавф ва фоидаи марбут бо ҳуқуқи соҳибмулкӣ ва **дороии асосӣ** анҷом намепазирад. |
| **Пардохти иҷоравии ғайриҳатмӣ** | Пардохте, ки бояд тавассути **иҷорагир** ба манфиати **иҷорадеҳ** барои ҳуқуқи истифодаи **дороии асосӣ** дар муддати давраҳое анҷом пазиранд, ки дар робита бо онҳо опсион барои тамдид ё қатъёбии **иҷора** амал карда, ба **муҳлати иҷора** ворид карда нашудаанд. |
| **Муҳлати истифода** | Фосилаи умумии вақт, ки дар муддати он дороӣ ҷиҳати иҷрои шартнома бо харидор (аз ҷумла давраҳое, ки пас аз ҳамдигар намеоянд) истифода бурда мешавад. |
| **Кафолати арзиши барҳамхуранда** | Кафолате ба ҳисоб меравад, ки ба **иҷорадеҳ** тавассути тарафи бо ӯ марбутнабуда, пешниҳод шудааст, дар робита бо он, ки арзиши (ё қисмати арзиши) **дороии асосӣ** дар интиҳои **иҷора** ба ҳадди ақал маблағи зикршударо ташкил медиҳад. |
| **Дороӣ дар шакли** | Дороие, ки ба **иҷорагир** ҳуқуқи истифодаи **дороии асосиро** дар муддати |

| | |
|---|---|
| **ҳуқуқи истифода** | **муҳлати иҷора** медиҳад. |
| **Иҷораи кутоҳмуддат** | Шартномаи **иҷора**, ки тибқи он дар **санаи оғози** иҷора **муҳлати иҷораи** пешбинишуда на бештар аз 12 моҳро ташкил медиҳад. Шартномаи иҷора, ки дорои опсион барои харид мебошад, иҷораи кутоҳмуддат ба ҳисоб намеравад. |
| **Зериҷора** | Амалиёте, ки дар доираи он **дороии асосӣ** барои **иҷораи** минбаъда аз ҷониби иҷорагир ("иҷорадеҳи фосилавӣ") ба тарафи сеюм пешниҳод мегардад ва дар баробари ин амали шартномаи **иҷора** ("шартномаи асосии **иҷора**") байни иҷорадеҳи асосӣ ва иҷорагир қатъ намеёбад. |
| **Дороии асосӣ** | Дороие, ки объекти **иҷора** маҳсуб ёфта, ҳуқуқи истифодаи он аз ҷониби **иҷорадеҳ** ба **иҷорагир** вогузошта шудааст. |
| **Даромади молиявии коркарданашуда** | Фарқияти байни:<br>(а) **сармоягузории умумии иҷора**; ва<br>(б) **сармоягузории софи иҷора**. |
| **Арзиши барҳамхурандаи бидуни кафолат** | Қисмати арзиши барҳамхурандаи **дороии асосӣ,** ки иҷрои он аз ҷониби **иҷорадеҳ** кафолат дода нашудааст ё тавассути шахси марбут бо иҷорадеҳ кафолат дода шудааст. |
| **Пардохти иҷоравии тағйирёбанда** | Қисмати пардохт, ки аз ҷониби **иҷорагир** ба манфиати **иҷорадеҳ** барои ҳуқуқи истифодаи **дороии асосӣ** дар муддати муҳлати иҷора анҷом пазируфта, тибқи тағйироти далелҳо ва ҳолатҳои баъд аз **санаи оғози** иҷора, ба истиснои гузариши замон, дигаргун мешавад. |

## Ислоҳоте, ки дар дигар стандартҳо муқаррар гардида, дар Стандарти мазкур бо ҳамон мазмун ифода мегарданд

| | |
|---|---|
| **Шартнома** | Созишномаи байни ду ё якчанд тарафҳо, ки ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои қонунан ҳифзшударо бунёд менамояд. |
| **Муҳлати истифодаи муфид** | Фосилаи вақт, ки дар давоми он дороӣ барои истифодаи корхона дастрас хоҳад буд; ё миқдори воҳидҳои маҳсулот ё воҳидҳои шабеҳ, ки интизор меравад корхона аз истифодаи дороӣ ба даст оварад. |


© Фонд СБҲМ

# Замимаи Б
# Дастур барои татбиқ

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири Стандарти мазкур мебошад. Замима татбиқи бандҳои 1-103-ро инъикос менамояд ва аз нуқтаи назари қувваи худ бо дигар бобҳои Стандарти мазкур баробар мебошад.*

## Татбиқ нисбат ба портфели шартномаҳо

Б1 Дар Стандарти мазкур тартиби баҳисобгирии шартномаи алоҳидаи иҷора тавсиф шудааст. Бо вуҷуди ин ба сифати соддагардонии хусусияти амалӣ корхона метавонад Стандарти мазкурро дар робита бо портфели шартномаҳои иҷораи дорои хусусиятҳои шабеҳ истифода барад, агар корхона ба таври асоснок пешбинӣ кунад, ки таъсир ба ҳисоботи молиявии татбиқи Стандарти мазкур нисбат ба портфел аз таъсири татбиқи Стандарти мазкур ба шартномаҳои алоҳидаи иҷора дар доираи потфели мазкур ба таври ҷиддӣ фарқ намекунад. Дар мавриди баҳисобгирии портфели шартномаҳо корхона бояд арзёбӣ ва фарзияҳоеро, ки андоза ва таркиби портфелро нишон медиҳанд, истифода барад.

## Муттаҳидсозии шартномаҳо

Б2 Ҳангоми татбиқи Стандарти мазкур корхона бояд ду ва зиёда шартномаҳои дар як замон ё тақрибан дар як замон бо як контрагент (ё тарафҳои алоқаманди контрагент) басташударо муттаҳид созад ва чунин шартномаҳоро дар мавриди риояи як ё якчанд меъёрҳои дар зер овардашуда ба инобат гирад:

(а) шартномаҳо ҳамчун маҷмуъ бо як мақсади тиҷоратӣ мувофиқат шудаанд, ки наметавон онҳоро дарк кард, агар шартномаҳо дар ҳамбастагӣ баррасӣ нагарданд;

(б) маблағи ҷуброн барои пардохти як шартнома аз нарх ё иҷрои дигар шартнома вобаста мебошад;

(в) ҳуқуқи истифодаи дороиҳои асосӣ, ки тибқи шартнома интиқол шудаанд (ё баъзе ҳуқуқҳои истифодаи дороиҳои асосӣ, ки аз рӯйи ҳар кадом шартнома интиқол шудаанд), чӣ тавре, ки дар банди Б32 зикр шудааст, як ҷузъи иҷораро ифода менамояд.

## Озод намудан аз эътироф: иҷорае, ки дар он дороии асосӣ арзиши паст дорад (бандҳои 5 – 8)

Б3 Ба истиснои ҳолати дар банди Б7 зикршуда, Стандарти мазкур ба иҷорагир ҷиҳати татбиқи банди 6 барои баҳисобгирии иҷора, ки дар он дороиии асосӣ дорои арзиши паст мебошад, иҷозат медиҳад. Иҷорагир бояд бидуни таваҷҷуҳ ба умри дороӣ дар замони иҷора арзиши дороии асосиро дар асоси арзиши дороӣ ба он тавре арзёбӣ кунад, ки гӯё он нав бошад.

Б4 Хулоса дар бораи арзиши пасти дороӣ ба таври мутлақ анҷом мешавад. Иҷораи дороиҳои дорои арзиши паст талаботи баҳисобгирии банди 6-ро, новобаста аз назаррас будан ё набудани иҷораи мазкур барои иҷорагир, таъмин менамояд. Ба арзёбӣ андоза, моҳият ё ҳолати иҷорагир таъсир намерасонад. Аз ин рӯ, чӣ тавре, ки интизор меравад, хулосаҳои иҷорагирандагон дар таносуб бо арзиши пасти дороии асосии муайян созгор мебошад.

Б5 Дороии асосӣ метавонад фақат дар ин маврид дорои арзиши паст бошад, агар:

(а) иҷорагир имкон дорад аз истифодаи дороии асосӣ ё ба таври алоҳида ё ҳамроҳ бо дигар захираҳо, ки иҷорагир ба онҳо дастрасии озод дорад, манфиат гирад;

(б) дороии асосӣ аз дигар дороиҳо вобастагии ҷиддӣ ё иртиботи наздик бо онҳо надошта бошад.

Б6 Иҷораи дороии асосӣ меъёрҳои гуруҳбандиро ба сифати иҷораи дороии дорои арзиши паст таъмин намекунад, агар моҳияти дороӣ чунин бошад, ки дороӣ нав буда, дорои арзиши паст набошад. Масалан, иҷораи автомобил меъёрҳои гуруҳбандиро ба сифати иҷораи дороии дорои арзиши паст таъмин намекунад, зеро автомобили нав маъмулан дорои арзиши паст намебошад.

Б7 Агар иҷорагир дороиро ба зериҷора диҳад ва ё эҳтимолан дороиро ба зериҷора медиҳад, шартномаи асосии иҷора меъёрҳои гуруҳбандиро ба сифати иҷораи дороии дорои арзиши паст таъмин намекунад.

Б8 Намунаи дороиҳои дорои арзиши паст метавонанд планшетҳо ва компютерҳои фардӣ, ҷузъҳои хурди мебели идорӣ ва телефонҳо бошанд.

## Муқаррароти иҷора (бандҳои 9 - 11)

Б9 Барои муайян намудани он, ки оё шартнома ҳуқуқи назорати истифодаи дороии мушаххасгардидаро (ба бандҳои Б13 - Б20 нигаред) дар муддати *давраи истифода* медиҳад ё намедиҳад, корхона бояд мавҷудияти ду хусусияти зеринро дар харидор таҳлил кунад:

(а) ҳуқуқи ба таври пурра гирифтани манфиатҳои иқтисодӣ аз истифодаи дороии мушаххасгардида (тибқи бандҳои Б21 - Б23);

(б) ҳуқуқи муайян намудани тарзи истифодаи дороии мушаххасгардида (тибқи бандҳои Б24 – Б30).

Б10 Агар харидор дорои ҳуқуқи назорати истифодаи дороии мушаххасгардида танҳо дар муддати қисмати муҳлати шартнома бошад, шартнома иҷораро танҳо дар замони чунин қисмати муҳлат ифода менамояд.

Б11 Шартнома дар бораи гирифтани мол ё хизматрасонӣ метавонад тавассути объекти соҳибкории муштарак ё аз номи соҳибкории муштарак тибқи муқаррароти СБҲМ 11 *"Соҳибкории муштарак"* баста шавад. Дар ин маврид объекти соҳибкории муштарак харидор аз рӯйи шартнома ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, дар чунин шартнома мавҷудияти иҷораро арзёбӣ намуда, корхона бояд дар объекти соҳибкории муштарак вуҷуд доштани ҳуқуқи назорати истифодаи дороии мушаххасгардидаро дар муддати муҳлати истифода мавриди арёзбӣ қарор диҳад.

Б12 Корхона бояд вуҷуди ҳар ҷузъи алоҳидаи билқуввагии иҷораро дар шартнома арзёбӣ кунад. Ба банди Б32 нигаред, ки дар он нишондод марбут ба ҷузъҳои алоҳидаи иҷора ҷой дорад.

### Дороии мушаххасшуда

Б13 Дороӣ, тибқи талабот тавассути зикри мустақим дар шартнома мушаххас мешавад. Бо вуҷуди ин, дороӣ метавонад инчунин дар асоси шаҳодати ғайримустақим дар ин маврид, ҳангоме, ки дороӣ барои истифодаи харидор дастрас мегардад, мушаххас гардад.

#### *Ҳуқуқҳои назарраси ивазкунӣ*

Б14 Ҳатто агар дороӣ ба таври мустақим зикр гардида бошад ҳам, харидор ҳуқуқи истифодаи дороии мушаххасгардидаро надорад, агар таҳвилгар ҳуқуқи назарраси иваз намудани дороиро дар муддати муҳлати истифода дошта бошад. Ҳуқуқи таҳвилгар барои иваз намудани дороӣ фақат ҳангоми риояи ин ду шарт муҳим маҳсуб меёбад:

(а) таҳвилгар имкони пурраи иваз намудани дороиҳои алтернативиро дар муддати муҳлати истифода дорад (масалан, харидор наметавонад ба иваз намудани дороӣ аз ҷониби таҳвилгар монеа эҷод кунад, таҳвилгар бошад дорои дастрасии озод ба дороиҳои алтернативӣ мебошад ё дороиҳо метавонад ба таҳвилгар дар муддати давраи қобили қабул дастрас гарданд);

(б) таҳвилгар аз иҷрои ҳуқуқи худ барои иваз намудани дороӣ манфиати иқтисодӣ мегирад (яъне имкон дорад, манфиатҳои иқтисодие, ки бо иваз намудани дороӣ марбут мебошанд, аз хароҷоти вобаста ба иваз намудани дороӣ зиёдтар бошанд).

Б15 Агар таҳвилгар дорои ҳуқуқ ё уҳдадорӣ дар робита бо иваз намудани дороӣ танҳо дар як санаи муайян ё баъд аз он ё ҳангоми фарорасии рӯйдоди муайян ё баъд аз он бошад, ҳуқуқи таҳвилгар барои иваз намудани дороӣ таъсирбахш намебошад, зеро таҳвилгар имконияти комили иваз намудани дороиҳои алтернативиро дар муддати муҳлати истифода надорад.

Б16 Таҳлили назаррас будани ҳуқуқи таҳвилгар ҷиҳати ивазкунӣ, ки корхона анҷом медиҳад дар мавриди бастани шартнома бо далел ба ҳолатҳо асос ёфтааст ва бояд рӯйдодҳои минбаъдаро, ки эҳтимолияти фарорасии онҳо дар мавриди бастани шартнома баланд намебошад, истисно кунад. Ба намунаи рӯйдодҳои минбаъда, ки эҳтимолияти фарорасии оноҳо дар мавриди бастани шартнома баланд набуда, дар натиҷа бояд аз таҳлил хориҷ карда шаванд, инҳо мансуб мебошанд:

(а) ризоияти муштарии оянда ҷиҳати пардохти истифодаи дороӣ тибқи меъёри баландтар аз меъёри бозорӣ;

(б) ворид намудани технологияи нав, ки ба таври муҳим дар мавриди бастани шартнома пешрафта маҳсуб намегардад;

(в) ҷудошавии назарраси байни тарзҳои истифодаи дороӣ аз ҷониби харидор ё натиҷаҳои дороӣ ва тарзи истифода ё натиҷаҳое, ки дар мавриди бастани шартнома имконпазир ҳисобида шудаанд;


© Фонд СБҲМ

(г) чудошавии назарраси байни нархи бозории дороӣ дар муддати муҳлати истифода ва нархи бозорӣ, ки дар муддати бастани шартнома имконпазир ҳисобида шудааст.

Б17 Агар дороӣ дар минтақаи харидор ё дар ягон ҷойи дигар воқеъ гардидааст, ки хароҷоти марбут ба ивазкунӣ бештар аз он замон бошад, ҳангоме, ки дороӣ дар минтақаи таҳвилгар қарор дорад ва бинобар ин эҳтимолан бештар аз манфиатҳои марбут ба ивазкунии дороӣ аст.

Б18 Ҳуқуқ ё уҳдадории таҳвилгар ҷиҳати иваз намудани дороӣ бо мақсади таъмир ё хизматрасонии техникӣ, агар дороӣ ба таври зарурӣ амал накунад ё дар мавриди модернизатсия, мавҷудияти ҳуқуқи истифодаи дороии мушаххасгардидаро дар харидор манъ намекунад.

Б19 Агар харидор ба таври осон мавҷудияти ҳуқуқи назарраси ивазкуниро дар таҳвилгар муайян карда натавонад, харидор бояд фарз кунад, ки ҳуқуқ барои ивазкунӣ муҳим намебошад.

*Ҷузъи дороиҳо*

Б20 Қисмати истеҳсолии дороӣ дороии мушаххасгардида ба ҳисоб меравад, агар он аз нуқтаи назари воқеӣ дорои фарқият бошад (масалан, ошёнаи бино). Қисмати истеҳсолии дороӣ ё дигар қисмати он, ки аз нигоҳи воқеӣ дорои фарқият намебошад (масалан, қисмати истеҳсолии ноқили нахӣ-оптикӣ), дорои мушаххасгардида маҳсуб намеёбад, агар он амалан тамоми қудрати дороӣ ва дар натиҷа ба харидор ҳуқуқи гирифтани манфиатҳои иқтисодиро аз истифодаи дороӣ ифода накунад.

## Ҳуқуқи гирифтани манфиати иқтисодӣ аз истифодабарӣ

Б21 То ин, ки истифодаи дороии мушаххасгардида мавриди назорат бошад, харидор бояд дорои ҳуқуқи амалан ба таври пурра гирифтани манфиатҳои иқтисодӣ аз истифодаи дороӣ дар муддати муҳлати истифода бошад (масалан, ба далели истифодаи комили дороӣ дар муддати чунин муҳлат). Харидор метавонад манфиатҳои иқтисодиро аз истифодаи дороӣ бо тарзҳои гуногуни мустақим ва ғайримустақим ба даст оварад, масалан, дороиро истифода намуда, онро нигаҳ медорад ё ба зериҷора мегузорад. Манфиатҳои иқтисодӣ аз истифодаи дороӣ маҳсулоти асосии он ва маҳсулоти зарароварро фаро мегиранд (аз ҷумла, воситаҳои пулии билқувва, ки аз ин объектҳо ба даст оварда шудааст), инчунин дигар манфиатҳои иқтисодӣ аз истифодаи дороӣ, ки метавонанд дар натиҷаи амалиёти тиҷоратӣ ба шахсони сеюм фурӯхта шаванд.

Б22 Ҳуқуқи гирифтани амалан ҳама манфиатҳои иқтисодӣ аз истифодаи дороиро арзёбӣ намуда, корхона бояд манфиатҳои иқтисодиро, ки дар доираи андозаи муайяни ҳуқуқҳои харидор барои истифодаи дороӣ қайду шарт шудааст, ба инобат гирад (ба банди Б30 нигаред). Масалан:

(а) агар шартнома истифодаи воситаи нақлиётро фақат дар як ҳудуди муайян дар муддати муҳлати истифода маҳдуд карда бошад, корхона бояд манфиатҳои иқтисодиро фақат аз истифодаи воситаи нақлиёт дар ҳудуди мазкур, на дар ягон ҳудуди дигар, ба инобат гирад;

(б) агар дар шартнома ишора гардида бошад, ки харидор метавонад воситаи нақлиётро фақат то расидани масофаи муайяни паймуда дар муддати муҳлати истифода барад, корхона бояд манфиатҳои иқтисодиро танҳо аз истифодаи воситаи нақлиёт то расидан ба масофаи паймудаи қобили иҷозат, на аз ин ҳад зиёд, ба инобат гирад.

Б23 Агар шартнома аз харидор ба таҳвилгар пардохт ва ба тарафи дигар қисмати воситаҳои пулиеро талаб намояд, ки аз истифодаи дороӣ ба сифати ҷуброн гирифта шудааст, ба мисли воситаҳои пулие, ки ба сифати ҷуброн пардохта мешавад, зарур аст ҳамчун қисмати манфиатҳои иқтисодӣ ҳисобида шавад, ки харидор аз истифодаи дороӣ ба даст меоварад. Масалан, агар харидор ба таҳвилгар фоиз аз фурӯшро дар натиҷаи истифодаи майдонҳои тиҷоратӣ ба сифати ҷуброн барои чунин истифода пардохт намояд, чунин талабот мавҷудияти ҳуқуқи муштариро барои ба даст овардани амалан тамоми манфиатҳои иқтисодӣ аз истифодаи майдонҳои тиҷоратӣ манъ намекунад. Ин бо он қайду шарт шудааст, ки воситаҳои пулӣ дар натиҷаи чунин фурӯш манфиати иқтисодӣ ҳисобида мешавад, ки харидор аз истифодаи майдонҳои тиҷоратӣ ба даст оварда, қисмате аз онҳоро ӯ дар натиҷа ба таҳвилгар ба сифати ҷуброн барои ҳуқуқи истифодаи чунин майдонҳо пардохт менамояд.

## Ҳуқуқи муқаррар намудани тарзи истифодабарӣ

Б24 Харидор ҳуқуқ дорад тарзи истифодаи дороии мушаххасгардидаро дар муддати муҳлати истифода комилан ҳангоми риояи яке аз ин шартҳо муайян кунад:

(а) харидор ҳуқуқ дорад муайян кунад, ки чӣ гуна ва барои кадом мақсад дороӣ дар муддати муҳлати истифода мавриди корбурд қарор мегирад (чӣ тавре, ки дар бандҳои Б25-Б30 тавсиф шудааст);

(б) тасмимоти муҳим дар бораи он, ки ки чӣ гуна ва барои кадом мақсад доройӣ истифода бурда мешавад, ба таври пешакӣ таъйин шудааст:

(i) харидор ҳуқуқ дорад дороиро дар муддати муҳлати истифода мавриди истифодабарӣ қарор диҳад (ё тарзи истифодабарии дороиро ба шахсони дигар аз рӯйи салоҳдиди худ муайян кунад) ва дар ин ҳангом таҳвилгар ҳуқуқ надорад нишондоди истифодабариро тағйир диҳад;

(ii) харидор дороиро (ё ҷанбаҳои муайяни дороиро) бо чунин тарз тарроҳӣ кардааст, ки чӣ тавр ва бо кадом мақсад истифода гардидани дороиро дар муддати муҳлати корбурди он таъйин менамояд.

### *Чӣ гуна ва бо кадом мақсад доройӣ истифода мегардад*

Б25 Харидор ҳуқуқ дорад муқаррар намояд, ки чӣ гуна ва барои кадом мақсад дороиро истифода менамояд, агар дар доираи ҳуқуқи истифодаи худ, ки дар шартнома муқаррар шудааст, ӯ тавонад чӣ гуна ва бо кадом мақсад истифодашавии дороиро дар муддати муҳлати истифода тағйир диҳад. Чунин таҳлилро анҷом дода, корхона ҳуқуқи қабули қарорҳоро ба ҳисоб мегирад, барои тағйир додани ин омил бештар муҳим мебошад, ки чӣ гуна ва бо кадом мақсад доройӣ дар муддати муҳлати корбурд истифода бурда мешавад. Ҳуқуқи қабули қарорҳо муҳим мебошад, ҳангоме, ки онҳо ба манфиатҳои иқтисодие, ки аз истифодабарӣ ба даст оварда мешавад, таъсир мегузоранд. Ҳуқуқи қабули қарорҳо, ки ба ҳадде муҳим арзёбӣ мегардад, эҳтимолан вобаста аз моҳияти доройӣ ва талаботи шартнома барои шартномаҳои гуногун гуногун арзёбӣ карда шаванд.

Б26 Ба намунаи ҳуқуқҳои қабули қарорҳо, ки вобаста аз ҳолатҳо ҳуқуқи тағйири чӣ гуна ва бо кадом мақсад истифода бурдани дороиро дар доираи андозаи муқарраршудаи ҳуқуқи харидор барои истифода пешбинӣ менамояд, инҳо дохил мешаванд:

(а) ҳуқуқ ба тағйири намуди маҳсулот, ки аз доройӣ истеҳсол карда мешавад (масалан, қарори истифодаи контейнери боркаш барои ҳамлу нақли мол ё барои ҳифз ё қарор дар мавриди анвои маҳсулот, ки дар майдонҳои тиҷоратӣ фурӯхта мешавад);

(б) ҳуқуқ ба тағйири мавриди истеҳсоли маҳсулот (масалан, қарор дар мавриди истифодаи мошиндастгоҳ ё дастгоҳи нерӯдор);

(в) ҳуқуқ ба тағйири мавқеи истеҳсоли маҳсулот (масалан, қарор дар бораи нуқтаи таъйин барои автомобили боркаш ё киштӣ ё қарор дар бораи истифодаи таҷҳизот);

(г) ҳуқуқ ба тағйири қарор дар бораи барориши маҳсулот ва дар бораи миқдори чунин маҳсулот (масалан, қарор дар бораи қувваи барқ тавассути дастгоҳи нерӯдор ва дар бораи миқдори қувваи барқ, ки тавассути дастгоҳи нерӯдор истеҳсол мешавад).

Б27 Ба намунаи ҳуқуқи қарори қабулҳое, ки ҳуқуқи тағйири чӣ гуна ва бо кадом мақсад истифода бурдани дороиро пешбинӣ намекунад, ҳуқуқҳое мансуб мебошанд, ки бо истифодабарӣ ё хизматрасонии техникии доройӣ маҳдуд мегарданд. Чунин ҳуқуқҳоро метавонад харидор ё таҳвилгар доро бошад. Новобаста аз он, ки чунин ҳуқуқҳо, ҳам ҳуқуқи истифодабарӣ ё хизматрасонии техникӣ, хусусан барои истифодабарии самараноки доройӣ зарур мебошанд, онҳо ҳуқуқ барои муайян намудани он, ки чӣ гуна ва бо кадом мақсад доройӣ истифода бурда мешавад, маҳсуб намеёбанд ва хоссатан аз қарор дар мавриди он, ки чӣ гуна ва бо кадом мақсад доройӣ истифода бурда мешавад, вобаста мебошанд. Лекин ҳуқуқ барои истифодабарии доройӣ метавонад ба харидор ҳуқуқи муайян намудани тарзи истифодаи дороиро муаррифӣ кунад, агар қарорҳои муҳим дар мавриди он, ки чӣ гуна ва бо кадом мақсад доройӣ истифода бурда мешавад, ба таври пешакӣ муқаррар гардида бошанд (ба банди Б24(б)(i) нигаред).

### **Қарорҳои дар раванд ё то муҳлати истифодабарӣ қабулгардида**

Б28 Қарорҳои муҳимро дар мавриди он, ки чӣ гуна ва барои кадом мақсад доройӣ истифода бурда мешавад, метавонад бо якчанд роҳҳо муайян кард. Масалан, қарорҳои муҳим метавонанд тавассути сохтори доройӣ ё маҳдудият барои истифодаи доройӣ, ки тавассути шартнома пешбинӣ гардидааст, муайян карда шаванд.

Б29 Мавҷудияти ҳуқуқи муштариро дар бораи муайян намудани тарзи истифодаи доройӣ арзёбӣ намуда, корхона бояд комилан ҳуқуқи қабули қарорҳоро дар мавриди тарзи истифодаи доройӣ дар муддати муҳлати истифода ба инобат гирад, ба истиснои ҳолатҳое, ки харидор дороиро (ё ҷанбаҳои муайяни дороиро) ба нақша гирифтааст, чӣ тавре ки дар банди Б24(б)(ii) тавсиф шудааст. Аз ин рӯ, ба истиснои ҳолатҳои риояи шартҳои банди Б24(б)(ii) корхона набояд қарорҳоеро, ки то муҳлати истифода пешакӣ муайян шудаан, ба инобат гирад. Масалан, агар харидор ҳуқуқ дорад натиҷаи

 © Фонд СБҲМ

истифодаи дороиро танҳо то оғози муҳлати истифода муайян кунад, ӯ ҳуқуқ надорад, ки тарзи истифодаи чунин дороиро таъйин кунад. Имконияти муайян намудани натиҷа аз истифода дар шартнома то оғози муҳлати истифода ва дар мавҷуд набудани ҳуқуқ барои қабули дигар қарорҳо вобаста ба истифодаи дороӣ ба харидор чунин ҳуқуқҳоро муайян менамояд, ба мисли он мавриде, ки харидор хариди мол ё хизматрасониро анҷом медиҳад.

### Ҳуқуқи ҳимояи манфиат

Б30 Шартнома метавонад шартҳоеро фаро гирад, ки манфиатҳои бо дороии мазкур ё дигар дороиҳо алоқамандро ҳифз кунад, ҳайати кормандони онро муҳофизат намояд ё риояи қонунҳо ё санадҳои меъёрию ҳуқуқиро аз ҷониби таҳвилгар таъмин созад. Дар зер намунаҳои ҳуқуқҳои ҳифзи манфиатҳо оварда шудааст. Масалан, шартнома метавонад (i) бузургии ҳадди аксари истифодаи дороиро нишон диҳад ё мавқеъ ё мавриди истифодаи дороиро аз ҷониби харидор маҳдуд созад, (ii) аз харидор дастгирӣ намудани таҷрибаи муайяни истифодабариро талаб кунад ё (iii) аз харидор дар бобати огоҳ сохтани таҳвилгар дар бораи тағйирот дар қисмати он, ки чӣ гуна дороӣ истифода карда мешавад, дархост ба амал орад. Ҳуқуқи ҳифзи манфиатҳо ҳаҷми ҳуқуқи муштариро барои истифода муайян менамояд, лекин ба мавҷудияти ҳуқуқи харидор дар муайянсозии тарзи истифодаи дороӣ монеа эҷод намекунад.

Б31 Ҷадвали дар зер овардашуда метавонад ба корхонаҳо ҷиҳати таҳлили он, ки оё шартнома дар умум ё ҷузъҳои алоҳидаи он шартномаи иҷора маҳсуб меёбанд, муфид бошад.

© Фонд СБҲМ


Оё дороии мушаххасгардида ҷой дора?
Ба бандҳои **Ошибка! Источник ссылки не найден.-Ошибка! Источник ссылки не найден.**
Не
Ҳа
Оё муштарӣ ҳуқуқи гирифтани ҳамаи манфиати иқтисодӣ аз истифодаи дорой дар муддати муҳлати истифодабариро дорад?
Ба бандҳои **Ошибка! Источник ссылки не найден.-Ошибка! Источник ссылки не найден.**
Не
Ҳа
Муштарӣ
Оё муштарӣ ё таҳвилгар ҳуқуқ доранд муқаррар намоянд, ки дорой чӣ тавр ва барои кадом мақсад дар муддати муҳлати истифодабарӣ истифода мегардад, ё ягон тараф чунин ҳуқуқ надорад? Ба бандҳои **Ошибка! Источник ссылки не найден.-Ошибка! Источник ссылки не найден.** нигаред.
Таъминку нанда
Ягон тараф: яъне чӣ тавр ва барои кадом мақсад истифода гардидани дорой аллакай муқаррар шудааст
Ҳа
Оё муштарӣ ҳуқуқи тарзи истифодаи дороиро дар муддати муҳлати истифодабарӣ дорад, дар баробари ин таҳвилгар ҳуқуқ надорад, ки дастурҳо нисбати тарзи истифодабариро тағйир диҳад? Ба банди **Ошибка! Источник ссылки не найден.**(б)(i) нигаред.
Не
Оё муштарӣ дороиро тавре лоиҳасозӣ намудааст, ки тахмин намояд, то ин ки дорой чӣ тавр ва барои кадом мақсад дар муддати муҳлати истифодабарӣ истифода мегардад?
Ба банди **Ошибка! Источник ссылки не найден.**(б)(ii) нигаред.
Не
Ҳа
Шартнома иҷора маҳсуб меёбад
Шартнома иҷора маҳсуб намеёбад

 © Фонд СБҲМ

## Ҷудо намудани ҷузъҳои шартнома (бандҳои 12 – 17)

Б32 Ҳуқуқи истифодаи дороии асосӣ ҷузъи алоҳидаи иҷора ҳангоми риояи ин ду шарти зерин мебошад:

(а) иҷорагир аз истифодаи дороии асосӣ, ё ба таври алоҳида ё ҳамроҳ бо дигар захираҳо, ки иҷорагир ба онҳо дастрасии озод дорад, метавонад манфиат гирад. Захираҳое, ки нисбат ба онҳо дастрасии озод мавҷуд аст, мол ва хизматрасониҳое мебошанд, ки фурӯхта мешаванд ё ба таври алоҳида (ба иҷорадеҳ ё таҳвилгарони дигар) ба иҷора дода мешаванд ё захираҳое, ки иҷорагир аллакай ба даст овардааст (аз иҷорадеҳ ё дар натиҷаи дигар амалиёт ё рӯйдодҳо);

(б) дороии асосӣ аз дигар дороиҳои асосии ин шартнома дар вобастагии шадид ё иртиботи зич бо онҳо қарор надорад. Масалан, ин далел, ки иҷорагир метавонад ҷиҳати ба иҷора нагирифтани дороии асосӣ бидуни таъсири назаррас ба ҳуқуқи истифодаи дигар дороиҳои асосии шартнома қарор қабул кунад, аз он шаҳодат медиҳад, ки дороии асосӣ дар вобастагии шадид аз чунин дороиҳои асосии дигар ё дар иртиботи зич бо онҳо қарор надорад.

Б33 Шартнома метавонад маблағи аз ҷониби иҷорагир барои фаъолият ва хароҷоти пардохтшавандаро дар ба гирад, ки ин фаъолият ва хароҷот мол ё хизматрасониро ба иҷорагир интиқол намедиҳанд. Масалан, иҷорадеҳ ба маблағи умумии пардохт маблағи вазифаҳои маъмурӣ ё дигар хароҷотеро ворид менамояд, ки марбут бо иҷорае, ки мол ё хизматрасониро ба иҷорагир интиқол намедиҳад, сарф менамояд. Чунин маблағ барои пардохт мавҷудияти ҷузъи алоҳидаи шартномаро қайду шарт намекунад, лекин қисмати ҷуброни умумӣ ба ҳисоб рафта, ба ҷузъи алоҳидаи мушаххасгардидаи шартнома мансуб мебошад.

## Муҳлати иҷора (бандҳои 18 - 21)

Б34 Тавассути арзёбии муҳлати иҷора ва таҳлили давомнокии муҳлати иҷора, ки набояд пеш аз муҳлат қатъ гардад, корхона бояд муқаррароти шартномаро татбиқ карда, давраеро муайян кунад, ки дар муддати он шартнома ҳифз мегардад. Иҷора дигар бо ҳимоя таъмин намебошад, агар, ҳам дар иҷорагир ва ҳам дар иҷорадеҳ, ҳуқуқи қатъ намудани иҷора бидуни иҷозати дигар тараф бо пардохти на бештар аз ҷаримаи нокифоя мавҷуд бошад.

Б35 Агар ҳуқуқи қатъи иҷораро танҳо иҷорагир доро бошад, чунин ҳуқуқи дар иҷорагир мавҷудбуда опсион барои қатъёбии иҷора ҳисобида мешавад, ки корхона ҳангоми муайянсозии муҳлати иҷора ба ҳисоб мегирад. Агар ҳуқуқи қатъи иҷораро танҳо иҷорадеҳ доро бошад, давраи иҷора, ки набояд пеш аз муҳлат қатъ гардад, давраеро фаро мегирад, ки ба он опсион барои қатъёбии иҷора дохил мегардад.

Б36 Муҳлати иҷора дар санаи оғози иҷора оғоз гардида, давраҳои бидуни пардохти иҷоравиро, ки ба иҷорагир иҷорадеҳ пешниҳод менамояд, дар ба мегирад.

Б37 Дар санаи оғози иҷора корхона мавҷудияти боварии комилро дар ин бора таҳлил менамояд, ки иҷорагир опсион барои тамдиди иҷора ё барои хариди дороии асосиро иҷро менамояд ё опсион барои қатъёбии иҷораро иҷро намекунад. Корхона ҳама далел ва ҳолатҳои мувофиқро ба ҳисоб мегирад, ки дар иҷорагир мавҷуд будани ҳавасмандии иқтисодиро ҷиҳати иҷро намудан ё накардани опсион, аз ҷумла ҳама гуна тағйироти эҳтимолии далелҳо ва ҳолатҳо аз санаи оғози иҷора то санаи иҷрои опсион мавриди қайду шарт қарор медиҳад. Намунаи омилҳое, ки зарур аст ба инобат гирифта шавад, инҳоро фаро мегирад:

(а) шартҳои тавассути шартнома пешбинишуда барои давраҳои иловагӣ ҷиҳати муқоиса бо меъёрҳои бозорӣ, масалан:

(i) маблағи пардохт барои иҷора дар ҳама гуна давраи иловагӣ;

(ii) маблағи пардохти тағйирёбанда барои иҷора ё дигар пардохти шартӣ, масалан, пардохте, ки бо ҷарима барои қатъёбӣ ё кафолатҳои арзиши барҳамхуранда қайду шарт шудаанд;

(iii) шартҳои опсионҳо, ки метавонад баъд аз давраҳои иловагии аввалия иҷро гарданд (масалан, опсион барои харид, ки имкон дорад дар интиҳои давраи тамдиди меъёре, ки дар замони ҳозир пасттар аз меъёрҳои бозорӣ мебошад, иҷро шавад);

(б) такмилдиҳии назарраси амволи иҷора дар муддати мӯҳлати амали шартнома, ки амалӣ шудааст (ё интизор меравад, амалӣ мегардад) ва эҳтимолан барои иҷорагир дорои манфиати иқтисодии назаррас хоҳад буд, ҳангоме, ки опсион барои тамдид ё қатъёбии иҷора ё барои хариди дороии асосӣ эҳтимолан иҷро мегардад;

(в) хароҷоти марбут бо қатъёбии иҷора, масалан, хароҷот барои гуфтушунид, хароҷот барои ҷойивазкунӣ, хароҷот дар робита бо мушаххаскунии дигар дороии асосӣ, ки барои зарурати иҷорагир даркор мебошад, аз ҷумла хароҷоти марбут бо бозгашти дороии асосӣ дар ҳолати дар шартнома пешбинишуда ё мавқеи пешбининамудаи шартнома;

(г) аҳамияти чунин дороии асосӣ барои фаъолияти иҷорагир бо назардошти масалан, ин, ки оё дороии асосӣ дороии махсусгардонидашуда мебошад, мавқеи ҷойгиршавии дороии асосӣ ва мавҷудияти тарзҳои алтернативии мувофиқ;

(ғ) шартӣ будан дар робита бо иҷрои опсион (яъне, ҳангоме, ки опсион танҳо дар мавриди риояи як ё якчанд шарт иҷро мешавад) ва эҳтимолияти он, ки чунин шартҳо ҷой хоҳанд дошт.

Б38 Опсион барои тамдид ё қатъёбии иҷора метавонад бо як ё якчанд шартҳои дигари шартнома (масалан, кафолати арзиши барҳамхуранда) муттаҳид карда шавад, бо чунин натиҷа, ки иҷорагир ба иҷорадеҳ даромади пулии ҳадди ақалро кафолат медиҳад, новобаста аз он, ки опсион иҷро мегардад ё намегардад, даромади пулӣ куллан якхела маҳсуб мегардад. Дар чунин мавриди ва новобаста аз нишондод дар робита бо пардохти собитшуда, ки дар банди Б42 қайд шудаанд, корхона бояд фарз кунад, ки боварии комил вуҷуд дорад, ки иҷорагир опсион барои тамдиди иҷораро иҷро менамояд ё опсион барои қатъёбии иҷораро иҷро намекунад.

Б39 Ҳамон қадар, ки давраи иҷораи пеш аз мӯҳлат қатънашаванда кам мебошад, аз он андоза бештар эҳтимолият вуҷуд дорад, ки иҷорагир опсион барои тамдиди иҷораро иҷро менамояд ё опсион барои қатъёбии иҷораро иҷро намекунад. Ин бо он қайду шарт шудааст, ки хароҷоти марбут бо гирифтани дороии ивазшаванда ба таври мутаносиб дар сурати коҳишёбии давраи пеш аз мӯҳлат қатънашаванда афзун мегардад.

Б40 Таҷрибаи гузаштаи иҷорагир дар робита бо даврае, ки дар муддати он намудҳои муайяни дороиҳоро истифода кардааст (дороиҳои ба иҷора пешниҳодшуда ё дар моликият қарордошта), инчунин сабабҳои иқтисодие, ки тибқи онҳо инро иҷро кардааст, метавонанд маълумотеро муаррифӣ кунанд, ки барои таҳлили мавҷудияти боварии комил дар ин бора, ки иҷорагир опсионро иҷро менамояд ё намекунад, муфид мебошад. Масалан, агар иҷорагир одатан намудҳои муайяни дороиҳоро дар муддати давраи муайян истифода карда бошад ё агар иҷорагир ба таҷрибаи иҷрои доимии опсионҳо аз рӯйи шартномаҳои иҷораи намудҳои муайяни дороиҳои асосӣ такя кунад, иҷорагир бояд сабаҳои иқтисодиро барои чунин таҷрибаи гузашта ҳангоми арзёбии мавҷудияти боварии комил дар ӯ дар иҷрои опсион аз рӯйи шартномаи иҷрои чунин дороиҳо ба инобат гирад.

Б41 Дар банди 20 зикр шудааст, ки баъд аз санаи оғози иҷора иҷорагир такроран мӯҳлати иҷораро дар сурати фаровасии рӯйдоди муҳим ё тағйироти назарраси ҳолатҳо таҳлил менамояд, ки дар таҳти назорати иҷорагир буда, ба мавҷудияти боварии комили иҷорагир дар иҷрои опсион, ки қаблан ҳангоми муайян намудани мӯҳлати иҷора ба инобат гирифта нашудааст ё дар иҷро накардани опсион, ки қаблан ҳангоми муайян намудани мӯҳлати иҷора ба инобат гирифта шудааст, таъсир мегузорад. Ба мисоли рӯйдодҳои муҳим ё тағйироти ҳолатҳо инҳо мансуб мебошанд:

(а) такмилдиҳии назарраси амволи иҷора, ки дар санаи оғози иҷора пешбинӣ нашудааст ва эҳтимолан барои иҷорагир дорои манфиати иқтисодии назаррас хоҳад дошт, ҳангоме, ки опсион барои тамдид ё қатъёбии иҷора ё барои хариди дороии асосӣ метавонад иҷро гардад;

(б) тағйирёбии назаррас ё адаптатсияи дороии асосӣ, ки дар санаи оғози иҷора пешбинӣ нагардидааст;

(в) санаи оғози зериҷораи дороии асосӣ дар давраи баъд аз анҷомёбии мӯҳлати иҷораи қаблан муқарраршуда;

(г) қарори кории иҷорагир, ки дорои робитаи мустақим бо иҷро ё иҷро нагардидани опсион мебошад (масалан, қарори тамдиди иҷораи дороии такмилшаванда, амалӣ намудани хориҷшавии дороии алтернативӣ ё воҳидҳои тиҷоратӣ, ки дар онҳо дорой дар шакли ҳуқуқи истифода шарик мебошад).

## Пардохти иҷоравии моҳиятан собитшуда (бандҳои 27(а), 36(в) ва 70(а))

Б42 Пардохти иҷоравӣ пардохти иҷоравии аз рӯйи моҳият собитшударо дар ба мегиранд. Пардохти иҷоравии аз рӯйи моҳият собитшуда ин пардохте мебошанд, ки метавонанд аз рӯйи сохти худ тағйирпазириро пешбинӣ кунанд, вале аз рӯйи моҳият ногузир арзёбӣ мегарданд. Пардохти иҷоравии аз рӯйи моҳият собитшуда, масалан, дар мавридҳои зерин метавонанд ҷой дошта бошанд:

(а) пардохт ба унвони пардохти иҷоравии тағйирпазир сохтор шудаанд, вале дар ин маврид барои чунин пардохт тағйирпазирии воқеӣ хос намебошад. Чунин пардохт дорои шартҳои тағйирёбанда мебошанд, ки моҳияти ҳақиқии иқтисодӣ надоранд. Ба намуди чунин пардохт инҳо мансуб мебошанд:

(i) пардохте, ки фақат бояд замоне анҷом шаванд, ки собит шавад дороӣ метавонад дар муддати муҳлати шартномаи иҷора мавриди истифода қарор гирад ё фақат замоне, ки рӯйдоде анҷом пазирад, ки эҳтимоли воқеии рух надодани он вуҷуд надорад;

(ii) пардохте, ки аз ибтидо ба унвони пардохти иҷоравии тағйирпазир сохторбандӣ шудаанд, марбут ба истифодаи дороии асосӣ мебошанд, лекин барои онҳо тағйирпазирӣ дар лаҳзаи муайян баъд аз санаи оғози иҷора бартараф карда шудаст, ки дар натиҷаи он пардохт дар муддати муҳлати боқимондаи иҷора собит мешаванд. Чунин пардохт аз рӯйи моҳият, замоне, ки тағйирпазирӣ бартараф мегардад, ба пардохти собит табдил мешаванд;

(б) мавҷудияти якчанд гурӯҳи пардохт, ки иҷорагир метавонад анҷом диҳад ва дар ин маврид фақат яке аз ин гурӯҳи пардохт воқеӣ мебошад. Дар ин ҳолат корхона бояд гурӯҳи воқеии пардохтро пардохти иҷоравӣ ҳисоб кунад;

(в) мавҷудияти якчанд гурӯҳи воқеии пардохт,ки иҷорагир метавонад анҷом диҳад ва дар ин маврид ӯ бояд ба ҳадди ақал яке аз чунин гурӯҳи пардохтро анҷом диҳад. Дар ин маврид корхона бояд он гурӯҳи пардохтро ба инобат гирад, ки бо камтарин маблағи пардохти иҷоравӣ (дар асоси тахфиф) ҳамроҳ мешавад.

## Иштироки иҷорагир дар дороии асосӣ то санаи оғози иҷора

### Хароҷоти иҷорагир дар робита бо сохтмон ё лоиҳакашии дороии асосӣ

Б43 Корхона имкон дорад дар бобати иҷора, то он замоне, ки дороии асосӣ барои истифода аз ҷониби иҷорагир дастрас мебошад, гуфтушунид анҷом диҳад. Дар мавриди баъзе шартномаҳои иҷора метавонад сохтмон ё лоиҳакашии такрории дороии асосӣ ҷиҳати истифодаи он аз ҷониби иҷорагир талаб карда шавад. Вобаста аз талаботи шартнома аз иҷорагир дар робита бо сохтмон ё лоиҳакашии дороӣ эҳтимолан зарурат ба пардохт пайдо шавад.

Б44 Агар иҷорагир дар робита бо сохтмон ё лоиҳакашии дороии асосӣ хароҷот сарф кунад, иҷорагир бояд чунин хароҷотро тибқи дигар стандартҳои қобили истифода , масалан, тибқи СББМ 16 ба инобат гирад. Хароҷоти марбут бо сохтмон ё лоиҳакашии дороии асосӣ пардохтеро, ки аз ҷониби иҷорагир барои ҳуқуқи истифодаи дороии асосӣ сарф мешавад, фаро намегирад. Пардохт барои ҳуқуқи истифодаи дороии асосӣ ин пардохт барои иҷора, новобаста аз муҳлати чунин пардохт, мебошанд.

### Ҳуқуқи соҳибмулкӣ нисбат ба дороии асосӣ

Б45 Иҷорагир метавонад ҳуқуқи соҳибмулкиро дар робита бо дороии асосӣ то интиқоли чунин ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба иҷорадеҳ ва пешниҳоди дороӣ барои иҷора ба иҷорагир ба даст оварад. Ба даст овардани ҳуқуқи соҳибмулкӣ худ аз худ тартиби баҳисобгирии амалиётро муайян намекунад.

Б46 Агар иҷорагир дороии асосиро то интиқоли чунин дороӣ ба иҷорадеҳ назорат кунад (ё таҳти назорат гирад), ин амалкард амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс маҳсуб меёбад, ки бо татбиқи бандҳои 98-103 ба инобат гирифта мешавад.

Б47 Бо вуҷуди ин, агар иҷорагир назоратро аз болои дороии асосӣ то интиқоли дороӣ ба иҷорадеҳ ба даст наоварад, амалкард амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс маҳсуб намеёбад. Масалан, чунин рӯйдод метавонад дар мавриде ҷой дошта бошад, ки истеҳсолкунанда, иҷорадеҳ ва иҷорагир амалиётро аз рӯйи харидани дороӣ аз ҷониби иҷорадеҳ аз истеҳсолкунанда, ки дар навбати худ ба иҷорагир барои иҷора мегузорад, мувофиқат менамоянд. Иҷорагир метавонад ҳуқуқи соҳибмулкиро

дар робита бо дороии асосӣ то интиқоли ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба иҷорадеҳ ба даст оварад. Дар ин маврид, агар иҷорагир ҳуқуқи соҳибмулкиро ба дороии асосӣ ба даст оварда, вале то интиқоли доройӣ ба иҷорадеҳ назорати онро ба даст наоварад, амалкард на ҳамчун амалиёти фурӯш бо иҷораи такрорӣ, балки ҳамчун иҷора арзёбӣ карда мешавад.

## Ифшои маълумот аз ҷониби иҷорагир (банди 59)

Б48 Зарурати пешниҳоди маълумоти иловагиро дар бораи фаъолияти иҷоравӣ ҷиҳати дастрасӣ ба мақсади ифшои маълумоти банди 51 муайян карда, иҷорагир бояд инҳоро ба инобат гирад:

(а) бомаврид будани маълумот барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ. Иҷорагир бояд маълумоти иловагиро, ки дар банди 59 зикр шудааст, комилан дар он маврид, агар интизор равад, ки чунин маълумот барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ бомаврид мебошад, муаррифӣ менамояд. Дар мавриди мазкур, пеш аз ҳама, чунин маълумот бомаврид хоҳад буд, агар он ба истифодабарандагон ҷиҳати дарки инҳо мусоидат кунад:

(i) озодии амал, ки иҷора пешбинӣ менамояд. Иҷора метавонад озодии амалро пешбинӣ кунад, агар, барои мисол, иҷорагир битавонад хатарпазирии худро бо иҷрои опсион барои қатъ ё тамдид намудани иҷора тавассути шартҳои мусоид коҳиш диҳад;

(ii) маҳдудиятҳое, ки иҷора ҷорӣ кардааст. Иҷора метавонад маҳдудият ҷорӣ кунад, масалан, аз ҳисоби талаботи марбут ба ҳифзи зарибҳои молиявии муайян аз ҷониби иҷорагир;

(iii) ҳассосияте, ки маълумоти тағйирёбии асосиро инъикос менамояд. Маълумоти инъикосшаванда метавонад ҳассос бошад, масалан, нисбат ба пардохти иҷоравии минбаъда;

(iv) дучоршавӣ ба дигар хавф, ки тавассути иҷора қайду шарт шудааст;

(v) дуршавӣ аз амалияи соҳавӣ. Чунин дуршавӣ инҳоро дар ба мегирад, масалан, шартҳои ғайриоддӣ ва нодири иҷора, ки ба портфели шартномаҳои иҷораи иҷорагир таъсир мегузоранд;

(б) чунин маълумот нисбат ба маълумоти дигар хеле ғайриоддӣ мебошад, ки ё дар ҳисоботи асосии молиявӣ муаррифӣ шудааст ё дар эзоҳот ифшо гардидааст. Барои иҷорагир зарурат вуҷуд надорад, ки маълумоти қаблан дар ҳисоботи молиявӣ муаррифишударо такрор кунад.

Б49 Маълумоти иловагие, ки бо пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ алоқаманд буда, вобаста аз ҳолат метавонад барои дастрасӣ ба мақсади ифшои маълумоти банди 51 талаб карда шавад, метавонад иттилоотеро фаро гирад, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати таҳлил намудани инҳо мусоидат намояд:

(а) сабабҳои истифодаи пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ аз ҷониби иҷорагир ва бартарияти чунин пардохт;

(б) бузургии нисбии пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ дар муқоиса бо пардохти собитшуда;

(в) тағйирёбандаҳои асосӣ, ки аз онҳо пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ вобаста мебошанд, инчунин тағйироти эҳтимолии пардохт дар ҷавоб ба тағйироти чунин тағйирёбандаҳои асосӣ;

(г) дигар оқибатҳои амалиётӣ ва молиявии пардохти тағйирёбандаи иҷоравӣ.

Б50 Маълумоти иловагӣ, ки бо опсионҳо барои тамдид ё опсионҳо барои қатъёбӣ алоқаманд буда, вобаста аз ҳолат метавонад барои дастрасӣ ба мақсади ифшои маълумоти банди 51 талаб карда шавад, имкон дорад дар худ иттилоотеро фаро гирад, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати таҳлил намудани масалан, инҳо мусоидат менамояд:

(а) сабабҳои истифодаи опсионҳо барои тамдид ё опсионҳо барои қатъёбӣ ва қувваи бартарияти чунин опсионҳо;

(б) бузургии нисбии *пардохти иҷоравии иловагӣ* дар муқоиса бо пардохти иҷоравӣ;

(в) бартарияти қувваи иҷрои опсионҳо, ки ба арзёбии уҳдадориҳо аз рӯйи иҷора ворид карда нашудаанд;

(г) дигар оқибатҳои амалиётӣ ва молиявии чунин опсионҳо.

Б51 Маълумоти иловагии бо кафолатҳои арзиши барҳамхуранда алоқаманд, ки вобаста аз ҳолат метавонад барои дастрасӣ ба мақсади ифшои маълумоти банди 51 талаб карда шавад, метавонад дар


© Фонд СБҲМ

худ иттилоотеро фаро гирад, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати таҳлил намудани масалан, инҳо мусоидат менамояд:

(а) сабаҳои пешниҳоди кафолатҳои арзиши барҳамхуранда аз ҷониби иҷорагир ва паҳншавии чунин кафолатҳо;

(б) сатҳи дучоршавӣ ба хавфи тағйирёбии арзиши барҳамхуранда, ки ба он иҷорагир дучор шудааст;

(в) моҳияти дороиҳои асосӣ, ки барои онҳо чунин кафолатҳо пешниҳод мегарданд;

(г) дигар оқибатҳои амалиётӣ ва молиявии чунин кафолатҳо.

Б52 Маълумоти иловагии марбут ба амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс алоқаманд, ки вобаста аз ҳолат метавонад барои дастрасӣ ба мақсади ифшои маълумоти банди 51 талаб карда шавад, метавонад дар худ иттилоотеро фаро гирад, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати таҳлил намудани масалан, инҳо мусоидат менамояд:

(а) сабабҳои амалигардонии амалиёти фурӯш бо иҷораи такрорӣ аз ҷониби иҷорагир ва қувваи бартарияти чунин амалиёт;

(б) шартҳои асосии амалиёти алоҳидаи фурӯш бо иҷораи баръакс;

(в) пардохте, ки ба арзёбии уҳдадориҳо аз рӯйи иҷора дохил карда нашудаанд;

(г) таъсири амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс ба маҷмуи пулӣ дар давраи ҳисоботӣ.

## Гурӯҳбандии иҷора аз ҷониби иҷорадеҳ (бандҳои 61 - 66)

Б53 Гурӯҳбандии иҷора барои иҷорадиҳандагон, ки дар Стандарти мазкур қабул гардидааст, бо андозае асос меёбад, ки дар он шартномаи иҷора хавф ва манфиатҳои бо моликияти дороии асосии марбутбударо интиқол медиҳад. Хавф имконияти бавуҷудоии зарарро дар робита бо бозистӣ ё кухнашавии технологӣ ё тағйирёбии даромаднокии марбут ба тағйироти шароити иқтисодӣ дар ба мегирад. Фоида метавонад бо эҳтимоли фоида аз амалиёт дар давоми муҳлати истифодаи иқтисодии дороии асосӣ ва даромад аз баландшавии арзиш ё иҷрои арзиши барҳамхуранда алоқаманд бошад.

Б54 Шартномаи иҷора дорои шартҳое мебошад, ки тасҳеҳоти пардохти иҷоравиро бо назардошти пардохте пешбинӣ менамоянд, ки дар давраи байни санаи оғози муносибатҳои иҷоравӣ ба санаи оғози иҷора мавқеъ доранд (масалан, тағйирёбии арзиши дороии асосӣ барои иҷорадеҳ ё тағйирёбии хароҷоти иҷорагир барои маблағгузории иҷора). Дар чунин мавврид барои мақсади гурӯҳбандии иҷора чунин ба назар гирифта мешавад, ки оқибати тағйироти шабеҳ дар санаи аввали муносибатҳои иҷоравӣ ҷой доштанд.

Б55 Агар иҷора қитъаҳои замин ва биноҳоро ҳамчун унсури дороии иҷоравӣ фаро гирад, иҷорадеҳ бояд ба таври алоҳида гурӯҳбандии ҳар як унсурро ба сифати иҷораи молиявӣ ё амалиётӣ тибқи бандҳои 62 - 66 ва Б53 - Б54 муайян кунад. Ҳангоми муайян намудани он, ки оё унсури иҷора "қитъаи замин" объекти иҷораи молиявӣ ё амалиётӣ маҳсуб меёбад, зарур аст ба эътибор гирифта шавад, ки қитъаҳои замин аксар вақт дорои муҳлати бемаҳдуди истифодаи иқтисодӣ мебошанд.

Б56 Агар ин бо мақсади гурӯҳбандӣ ва инъикос дар мавриди баҳисобгирии иҷораи қитъаҳои замин ва биноҳо зарур бошад, иҷорадеҳ бояд пардохти ҳадди ақали иҷоравиро (аз ҷумла, ҳама гуна пешпардохти якдафъаинаро) байни қитъаҳои замин ва биноҳо ба таври мутаносиби арзиши одилонаи ҳуқуқҳои иҷоравӣ, ки дар унсурҳои иҷора "қитъаҳои замин" ва "биноҳо" дар санаи оғози муносибатҳои иҷоравӣ баста шудааст, тақсим кунад. Агар имконияти ба таври боэътимод тақсим намудани пардохти иҷоравӣ байни ин ду унсур мавҷуд набошад, пас тамоми шартномаи иҷора ҳамчун иҷораи молиявӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад, агар танҳо возеҳ набошад, ки ҳарду унсур иҷораи амалиётиро ифода менамоянд, дар ин мавврид тамоми шартномаи иҷора ҳамчун иҷораи амалиётӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад.

Б57 Вобаста ба иҷораи қитъаҳои замин ва биноҳо, ки маблағи унсури иҷораи "қитъаҳои замин" барои шартномаи иҷора назаррас намебошад, иҷорадеҳ метавонад қитъаҳои замин ва биноҳоро ба сифати як объект бо мақсади гурӯҳбандии иҷора баррасӣ кунад ва ё ҳамчун иҷораи молиявӣ ё ҳамчун иҷораи амалиётӣ тибқи бандҳои 62 - 66 ва Б53 - Б54 мавриди гурӯҳбандӣ қарор диҳад. Дар ин мавврид иҷорадеҳ бояд муҳлати истифодаи иқтисодии биноҳоро ба сифати муҳлати истифодаи иқтисодии тамоми дороии асосӣ баррасӣ кунад.

### Гурӯҳбандии зериҷора

Б58 Зериҷораро мавриди гурӯҳбандӣ қарор дода, иҷорадеҳ бояд ба таври зерин зериҷораро ҳамчун иҷораи молиявӣ ё ҳамчун иҷораи амалиётӣ гурӯҳбандӣ кунад:

(а) агар шартномаи асосии иҷора иҷораи кутоҳмуддат бошад, ки корхонаи минбаъд иҷорагир бо татбиқи банди 6 ба эътибор гирифтааст, зарур аст зериҷораро ҳамчун иҷораи амалиётӣ мавриди гурӯҳбандӣ қарор дод;

(б) дар ҳолати акс зериҷораро зарур аст дар асоси дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода, ки тавассути шартномаи асосии иҷора, на дар асоси дороии асосӣ (масалан, объекти воситаҳои асосӣ, ки василаи иҷора маҳсуб меёбад), қайду шарт шудааст, гурӯҳбандӣ намуд.



© Фонд СБҲМ

# Замимаи В
# Санаи эътибор пайдо намудан ва муқаррароти интиқолӣ

*Замимаи мазкур қисмати ҷудонопазири Стандарти мазкур маҳсуб ёфта, аз нигоҳи эътибор бо дигар бобҳои Стандарти мазкур баробар мебошад.*

## Санаи эътибор пайдо намудан

В1 Корхона бояд Стандарти мазкурро дар робита бо давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2019 ё баъд аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи фаврӣ нисбат ба корхонаҳое, ки СБҲМ 15 *"Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо муштариён"*-ро дар санаи татбиқи аввалияи Стандарти мазкур ё то ин сана истифода мебаранд, иҷозат дода мешавад. Агар корхона Стандарти мазкурро нисбат ба давраи пештар татбиқ кунад, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

В1А Тавассути ҳуҷҷати *"Имтиёзҳо дар иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» марбут мебошад"*, ки дар моҳи майи соли 2020 интишор гардидааст, бандҳои 46А, 46Б, 60А, В20А ва В20Б илова карда шудаанд. Иҷорагир бояд ислоҳоти мазкурро, аз ҷумла, дар ҳисоботи молиявие, ки дар таърихи 1 июни соли 2020 барои интишор тасдиқ нагардидааст, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат пазируфта мешавад, аз ҷумла, дар ҳисоботи молиявие, ки дар таърихи 28 майи соли 2020 барои интишор тасдиқ нагардидааст.

В1Б Тавассути ҳуҷҷати *"Ислоҳоти меъёри фоизноки асосӣ – марҳилаи 2"*, ки дар моҳи августи соли 2020 интишор гардидааст, ба СБҲМ 9, СББМ 39, СБҲМ 7, СБҲМ 4 ва СБҲМ 16 ислоҳот ворид карда шуда, бандҳои 104 - 106 ва В20В - В20Г илова гардидаанд. Корхона бояд ислоҳоти мазкурро дар робита бо давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2021 ё баъд аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат пазируфта мешавад. Агар корхона ислоҳоти зеринро барои давраи пештар татбиқ кунад, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

В1В Тавассути ҳуҷҷати *"Имтиёзҳо дар иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» марбут мебошад"*, ки баъд аз 30 июни соли 2021 мавриди амал қарор дошта, дар моҳи майи соли 2021 интишор гардидааст, дар банди 46Б тағйирот ворид карда шуда, бандҳои В20БА - В20БВ илова гардидаанд. Иҷорагир бояд ислоҳоти мазкурро дар робита бо давраҳои ҳисоботи солона, ки аз ё апрели соли 2021 ё баъд аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат пазируфта мешавад, аз ҷумла, дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар таърихи 31 марти соли 2021 ҷиҳати интишор тасдиқ нагардидааст.

В1Г Тибқи ҳуҷҷати "*Уҳдадорҳои иҷораи фурӯш ва иҷораи баръакс"*, ки моҳи сентябри соли 2022 интишор гардидааст, ба банди В2 тағйирот ворид карда шуда, бандҳои 102А ва В20Ғ илова гардидаанд. Фурӯшанда-иҷорагир бояд ислоҳоти мазкурро барои давраҳое, ки аз 1 январи соли 2024 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар фурӯшанда-иҷорагир тағйироти мазкурро нисбат ба давраи пештар татбиқ кунад, пас бояд чунин маълумот ифшо намояд.

## Муқаррароти интиқолӣ

В2 Бо мақсади талаботи бандҳои В1 - В20Ғ санаи татбиқи аввалия оғози давраи ҳисоботи солона маҳсуб меёбад, ки дар он корхона нахустин маротиба Стандарти мазкурро татбиқ менамояд.

### Муқаррароти иҷора

В3 Ба сифати соддагардонии хусусияти амалӣ корхона такроран таҳлил намудани он, ки оё шартнома дар маҷмуъ ё ҷузъҳои он дар санаи татбиқи аввалия шартномаи иҷора маҳсуб меёбанд, уҳдадор намебошад. Ба ивази ин ба корхона иҷозат дода мешавад:

(а) Стандарти мазкурро дар робита бо шартномаҳое, ки қаблан бо истифодаи СББМ 17 "Иҷора" ва Тафсироти КТҲМБ 4 *"Муайянсозии мавҷудияти аломатҳои иҷора дар созишнома"* мушаххас гардидаанд, татбиқ намояд. Корхона бояд талаботи интиқолии бандҳои В5 - В18-ро нисбат ба чунин шартномаҳои иҷора истифода барад.

(б) Стандарти мазкурро дар робита бо шартномаҳое, ки қаблан ҳамчун шартномаҳои дорои аломатҳои иҷора бо татбиқи СББМ 17 ва Тафсироти КТҲМБ 4 мушаххас нагардидаанд, истифода набарад.

В4 Агар корхона соддагардонии хусусияти амалии банди В3-ро интихоб кунад, он бояд ин далелро ошкор сохта, соддагардонии хусусияти амалиро нисбат ба тамоми шартномаҳои худ татбиқ намояд.

Дар натиҷа корхона бояд талаботи бандҳои 9-11-ро комилан дар робита бо шартномаҳое, ки дар санаи табиқи аввалия ё баъд аз ин сана баста шудаанд (ё тағйир пазируфтаанд), татбиқ намояд.

## Иҷорагиранадагон

B5 Иҷорагир бояд Стандарти мазкурро дар робита бо шартномаҳои иҷоравии худ татбиқ намояд:

(а) ё ба таври ояндабинӣ нисбат ба ҳар як давраи ҳисоботии қаблӣ, ки бо татбиқи СББМ 8 *“Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”* пешниҳод гардидааст;

(б) ё ба таври ояндабинӣ бо самараи ҷамъбастии татбиқи аввалини стандарт, ки дар санаи татбиқи аввалия тибқи бандҳои B7-B13 этироф шудааст.

B6 Иҷорагир бояд тарзеро, ки дар банди B5 тавсиф шудааст, ба таври пайдарҳам нисбат ба тамоми шартномаҳои иҷоравии худ, ки тибқи онҳо иҷорагир маҳсуб меёбад, татбиқ намояд.

B7 Агар иҷорагир дар бораи татбиқи Стандарти мазкур тибқи банди B5(б) қарор қабул кунад, иҷорагир набояд маълумоти муқоисавиро аз нав ҳисоб кунад. Ба ивази ин иҷорагир бояд самараи ҷамъбастии татбиқи аввалияи Стандарти мазкурро ба сифати тасҳеҳоти фоидаи тақсимнагардидаи вурудӣ (ё ҷузъи дигари сармояи хусусӣ) дар санаи татбиқи аввалия эътироф намояд.

### Иҷораи қаблан ҳамчун иҷораи амалиётӣ гурӯҳбандишуда

B8 Агар иҷорагир дар бораи татбиқи Стандарти мазкур тибқи банди B5(б) қарор қабул кунад, иҷорагир бояд:

(а) уҳдадорӣ аз рӯйи иҷораро дар санаи татбиқи аввалия барои иҷорае, ки қаблан ҳамчун иҷораи амалиётӣ бо татбиқи СББМ 17 гурӯҳбандӣ шудааст, эътироф намояд. Иҷорагир бояд чунин уҳдадорӣ аз рӯйи иҷораро тибқи арзиши воқеии пардохти иҷоравии боқимонда, ки бо истифодаи меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагӣ аз ҷониби иҷорагир дар санаи татбиқи аввалия тахфиф шудааст, арзёбӣ намояд;

(б) дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро дар санаи татбиқи аввалия барои иҷорае, ки қаблан ҳамчун иҷораи амалиётӣ бо татбиқи СББМ 17 гурӯҳбандӣ шудааст, эътироф намояд. Барои ҳар як шартномаи иҷора, иҷорагир бояд дар бораи арзёбии дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода қарор қабул кунад:

(i) ё аз рӯйи арзиши тавозунии он, ба он тавре, гӯё стандарт аз санаи оғози иҷора татбиқ шуда, лекин бо истифодаи меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагӣ аз ҷониби иҷорагир дар санаи татбиқи аввалия тахфиф гардидааст;

(ii) ё аз рӯйи бузургии баробар бо уҳдадорӣ аз рӯйи иҷора дар асоси тасҳеҳоти бузургии пардохти қаблан анҷомёфта ё ҳисобу замшуда дар робита бо чунин иҷора, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба таври мустақим то санаи татбиқи аввалия эътироф шудааст;

(в) татбиқи СББМ 36 *“Таварруми дороиҳо”* дар робита бо дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода дар санаи татбиқи аввалия, ба истисноии ҳолатҳое, ки иҷорагир соддагардонии хусусияти амалии дар банди B10(б) зикршударо татбиқ менамояд.

B9 Бо вуҷуди талаботи банди B8 барои иҷора, ки қаблан ҳамчун иҷораи амалиётӣ бо татбиқи СББМ 17 гурӯҳбандӣ шудааст, иҷорагир:

(а) ҳангоми гузариш ҷиҳати амалӣ намудани ягон гуна тасҳеҳот дар робита бо иҷорае, ки дороиҳои асосии он дороии арзиши паст буда (чӣ тавре, ки дар бандҳои Б3-Б8 тавсиф шудааст), бо татбиқи банди 6 ба инобат гирифта мешавад, уҳдадор намебошад. Иҷорагир бояд чунин иҷораро бо табиқи Стандарти мазкур аз санаи татбиқи аввалия ба ҳиосб гирад;

(б) ҳангоми гузариш ҷиҳати амалӣ намудани ягон гуна тасҳеҳот дар робита бо иҷорае, ки қаблан ҳамчун амволи сармоягузорӣ бо истифодаи тарҳи арзёбӣ аз рӯйи арзиши одилона дар СББМ 40 *“Амволи сармоягузорӣ”* ба инобат гирифта шудааст, уҳдадор намебошад. Иҷорагир бояд дороии дар шакли ҳуқуқи истифода ва уҳдадорӣ аз рӯйи иҷораро, ки бо чунин иҷора бо татбиқи СББМ 40 ва Стандарти мазкур аз санаи татбиқи аввалия қайду шарт шудааст, ба инобат гирад;

(в) бояд дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро аз рӯйи арзиши одилона дар санаи татбиқи аввалия барои иҷорае, ки қаблан ҳамчун иҷораи амалиётӣ бо татбиқи СББМ 17 ба инобат гирифта шудааст ва ҳамчун амволи сармоягузорӣ бо истифодаи тарҳи баҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши одилона дар СББМ 40 аз санаи татбиқи аввалия ба инобат гирифта мешавад,

 © Фонд СБҲМ

арзёбӣ намояд. Иҷорагир бояд дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода ва уҳдадорӣ аз рӯйи иҷораро, ки бо чунин иҷора бо татбиқи СББМ 40 ва Стандарти мазкур аз санаи татбиқи аввалия қайду шарт шудааст, ба инобат гирад.

B10 Иҷорагир метавонад як ё якчанд соддагардониҳои хусусияти амалии зеринро ҳангоми татбиқи Стандарти мазкур ба таври оянданбинӣ тибқи банди B5(б) дар робита бо иҷорае, ки қаблан ҳамчун иҷораи амалиётӣ бо татбиқи СБҲМ 17 гурӯҳбандӣ шудааст, мавриди истифода қарор диҳад. Иҷорагир ҳуқуқ дорад чунин соддагардониҳои хусусияти амалиро нисбат ба ҳар як шартномаи иҷора татбиқ намояд:

(а) ичорагир имкон дорад як меъёри тахфифиро дар робита бо портфели шартномаҳои иҷора бо мушаххасоти шабеҳи асоснок татбиқ намояд (масалан, шартномаҳои иҷора бо муҳлати боқимондаи шабеҳи иҷора барои намуди ҳаммонанди дороиҳои асосӣ дар шароити иқтисодии шабеҳ);

(б) иҷорагир метавонад ба таҳлили худ вобаста ба моҳияти душвори шартномаҳои иҷора бо татбиқи СББМ 37 *“Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ”* ба таври мустақим то санаи татбиқи аввалия ба сифати алтернативаи баргузории санҷиш барои таваррум такя кунад. Агар иҷорагир чунин соддагардонии хусусияти амалиро интихоб кунад, иҷорагир бояд дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро дар санаи татбиқи аввалия бо бузургии уҳдадории арзёбишаванда дар робита бо шартномаҳои мушкили иҷора, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба таври мустақим то санаи татбиқи аввалия эътироф шудаанд, мавриди тасҳеҳот қарор диҳад;

(в) иҷорагир метавонад қарор кунад талаботи банди B8-ро дар робита ба шартномаҳои иҷора, ки муҳлати иҷораи онҳо дар муддати 12 моҳ аз санаи татбиқи аввалия фаро мерасад, мавриди татбиқ қарор надиҳад. Дар чунин маврид иҷорагир бояд:

(i) чунин шартномаҳои иҷораро, ки шабеҳ бо иҷораи кутоҳмуддати дар банди 6 тавсифшуда мебошанд, ба инобат гирад;

(ii) хароҷоти марбут бо чунин шартномаҳои иҷораро ба ифшои маълумот дар бораи иҷораи кутоҳмуддати давраи ҳисоботи солона, ки санаи татбиқи аввалияро дар ба мегирад, ворид кунад.

(г) иҷорагир метавонад хароҷоти мустақими аввалияро аз арзёбии дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода дар санаи татбиқи аввалия хориҷ намояд;

(ғ) иҷорагир метавонад аз мулоҳизаи санаи гузашта истифода намояд, масалан, ҳангоми муайян намудани муҳлати иҷора, агар шартнома дорои опсионҳо барои тамдид ё қатъёбии иҷора бошад.

## Иҷораи қаблан ҳамчун иҷораи молиявӣ гурӯҳбандишуда

B11 Агар иҷорагир дар бораи татбиқи Стандарти мазкур тибқи банди C5(б) барои иҷорае, ки қаблан ҳамчун иҷораи молиявӣ бо табиқи СББМ 17 гурӯҳбандӣ шудааст, қарор қабул кунад, арзиши тавозунии дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода ва уҳдадорӣ аз рӯйи ичора дар санаи татбиқи аввалия арзиши тавозунии дороӣ тибқи иҷора ва арзиши тавозунии уҳдадорӣ тибқи иҷора мустақиман қабл аз санае, ки бо татбиқи СББМ 17 арзёбӣ шудааст, хоҳад буд. Барои чунин иҷора иҷорагир бояд дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифода ба уҳдадорӣ тибқи иҷораро бо татбиқи Стандарти мазкур аз санаи татбиқи аввалия ба инобат гирад.

## Ифшои маълумот

B12 Агар иҷорагир дар бораи татбиқи Стандарти мазкур тибқи банди B5(б) қарор қабул кунад, иҷорагир бояд маълумот дар бораи татбиқи аввалияро тибқи банди 28 СББМ 8 ифшо намояд, ба истисноӣ маълумоте, ки дар банди 28(д) СББМ 8 зикр шудааст. Ба ивази маълумоте, ки дар банди 28(д) СББМ 8 зикр шудааст, иҷорагир бояд инҳоро ифшо намояд:

(а) меъёри миёнавазни ҷалби воситаҳои қарзии иловагӣ аз ҷониби иҷорагир, ки дар робита бо уҳдадориҳо аз рӯйи иҷора, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ дар санаи татбиқи аввалия эътироф шудаанд;

(б) шарҳи фарқияти байни:

(i) уҳдадориҳои шартномавӣ аз рӯйи иҷораи амалиётӣ, ки бо татбиқи СББМ 17 дар интиҳои давраи ҳисоботи солона бевосита қабл аз санаи татбиқи аввалия ифшо гардида, бо истифодаи меъёри ҷалби воситаҳои қарзии иловагӣ дар санаи

татбиқи аввалия, чӣ тавре, ки дар банди B8(а) тавсиф шудааст, тахфиф мешаванд;

(ii) уҳдадориҳо аз рӯйи иҷора, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ дар санаи татбиқи аввалия эътироф шудаанд.

B13 Агар иҷорагир як ё якчанд соддагардониҳои хусусияти амалии дар банди B10 зикршударо истифода намояд, он бояд ин далелро ифшо созад.

## Иҷорадиҳандагон

B14 Ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди B15 тавсиф шудааст, иҷорадеҳ ҳангоми гузариши анҷом додани кадом як тасҳеҳот барои шартномаҳои иҷора, ки дар онҳо ӯ иҷорадеҳ ба ҳисоб меравад, уҳдадор намебошад ва бояд чунин шартномаҳои иҷораро бо татбиқи Стандарти мазкур аз санаи татбиқи аввалия ба инобат гирад.

B15 Иҷорадеҳи фосилавӣ бояд:

(а) такроран шартномаҳои зериҷораро, ки бо татбиқи СББМ 17 ҳамчун иҷораи амалиётӣ гурӯҳбандӣ шуда, дар санаи татбиқи аввалия амалкунанда маҳсуб меёбанд, бо мақсади муайянсозии зарурати гурӯҳбандии ҳар кадом шартномаи зериҷора ба сифати иҷораи амалиётӣ ё иҷораи молиявӣ бо татбиқи Стандарти мазкур таҳлил намояд. Иҷорадеҳи фосилавӣ бояд чунин таҳлилро дар санаи татбиқи аввалия дар асоси шартҳои боқимондаи тавассути шартнома пешбинишудаи шартномаи асосии иҷора ва шартномаи зериҷора дар ин сана анҷом диҳад;

(б) дар мавриди шартномаҳои зериҷора, ки ҳангоми татбиқи СББМ 17 ҳамчун иҷораи амалиётӣ гурӯҳбандӣ шуда, лекин ҳангоми татбиқи Стандарти мазкур иҷораи молиявӣ маҳсуб меёбанд, шартномаи зериҷораро ҳамчун шартномаи нави иҷораи молиявӣ, ки дар санаи татбиқи аввалия баста шудааст, ба инобат гирад.

## Амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс то санаи татбиқи аввалия

B16 Корхона набояд такроран амалиёти фурӯш бо иҷораи такрориро, ки то санаи татбиқи аввалия анҷом шудааст, таҳлил кунад, то ин, ки муайян намояд, интиқоли дороии асосӣ талаботи СБҲМ 15-ро ҷиҳати баҳисобгирӣ ба сифати фурӯш қонеъ менамояд ё намекунад.

B17 Агар амалиёти фурӯш бо иҷораи баръакс ҳамчун фурӯш ва иҷораи молиявӣ бо татбиқи СББМ 17 ба инобат гирифта шуда бошад, фурӯшанда – иҷорагир бояд:

(а) иҷораи баръаксро ҳамон тавр ба инобат гирад, ки ҳама гуна иҷораи молиявии дигари дар санаи татбиқи аввалия ҷойдоштаро ба ҳисоб мегирад;

(б) истеҳлоки фоида аз фурӯшро дар муддати муҳлати иҷора идома диҳад.

B18 Агар амалиёти фурӯш бо иҷораи такрорӣ ҳамчун фурӯш ва иҷораи амалиётӣ бо татбиқи СББМ 17 ба инобат гирифта шуда бошад, фурӯшанда – иҷорагир бояд:

(а) иҷораи баръаксро ба ҳамон тавре, ки ҳамаи дигар иҷораи амалиётии дар санаи татбиқи аввалия ҷойдоштаро ба эътибор мегирад, ба инобат гирад;

(б) дороӣ бо ҳуқуқи истифодаро, ки дар иҷораи баръакс муаррифӣ гардидааст, бо назардошти фоидаи ё зарари мавқуфгузошташудаи марбут бо шартҳои ғайрибозорӣ, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ мустақиман то санаи татбиқи аввалия эътироф шудаанд, тасҳеҳ кунад.

## Маблағи қаблан нисбат ба муттаҳидсозии тиҷорат эътирофгардида

B19 Агар иҷорагир қаблан дороии уҳдадориро бо татбиқи СБҲМ 3 *“Муттаҳидсозии тиҷорат* дар робита бо шартҳои мусоид ё номусоиди иҷораи амалиётӣ, ки дар доираи муттаҳидсозии тиҷорат ба даст оварда шудааст, эътироф карда бошад, иҷорагир бояд эътирофи чунин дороӣ ё уҳдадориро қатъ карда, арзиши тавозунии дороӣ дар шакли ҳуқуқи истифодаро бо бузургии дахлдор дар санаи татбиқи аввалия мавриди тасҳеҳот қарор диҳад.


© Фонд СБҲМ

## Истинод ба СБҲМ 9

B20 Агар корхона Стандарти мазкурро татбиқ карда, лекин ҳоло СБҲМ 9 *“Воситаҳои молиявӣ”*-ро мавриди истифода қарор надодааст, ҳама гуна истиноди Стандарти мазкур ба СБҲМ 9 бояд ҳамчун истинод ба СББМ 39 *“Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва арзёбӣ”* тафсир карда шавад.

## Имтиёзҳо аз рӯйи иҷораи марбут ба пандемияи «Covid-19»

B20A Иҷорагир бояд ислоҳоти *“Имтиёзҳо аз рӯйи иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» алоқаманд мебошад”*-ро (ба банди B1B нигаред) ба таври ояндабинӣ бо эътирофи самараи маҷмуии татбиқи аввалияи ислоҳоти зерин ба сифати тасҳеҳи бузургии фоидаи тақсимнаёфта (ё дигар ҷузъи сармояи хусусӣ, агар қобили қабул бошад) дар санаи оғози давраи ҳисоботи солона, ки дар он иҷорагир нахустин маротиба ислоҳоти зеринро истифода менамояд, татбиқ намояд.

B20Б Дар давраи ҳисоботӣ, ки дар он иҷоракор нахустин маротиба ислоҳоти *“Имтиёзҳо аз рӯйи иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» алоқаманд мебошад”*-ро мавриди истифода қарор медиҳад, иҷорагир уҳдадор намебошад маълумоти тибқи банди 28(д) СББМ 8 талабшударо ифшо намояд.

B20БA Иҷорагир бояд ислоҳоти *“Имтиёзҳо аз рӯйи иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» алоқаманд буда, баъд аз 30 июни соли 2021 амал менамояд”*-ро (ба банди B1B нигаред) ба таври ояндабинӣ бо эътирофи самараи маҷмуии татбиқи аввалияи ислоҳоти зерин ба сифати тасҳеҳи бузургии фоидаи тақсимнаёфта (ё дигар ҷузъи сармояи хусусӣ, агар қобили қабул бошад) дар санаи оғози давраи ҳисоботи солона, ки дар он иҷорагир нахустин маротиба ислоҳоти зеринро истифода менамояд, татбиқ намояд.

B20ББ Дар давраи ҳисоботӣ, ки дар он иҷоракор нахустин маротиба ислоҳоти *“Имтиёзҳо аз рӯйи иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» алоқаманд буда, баъд аз 30 июни соли 2021 амал менамояд”*-ро мавриди истифода қарор медиҳад, иҷорагир уҳдадор намебошад маълумоти тибқи банди 28(д) СББМ 8 талабшударо ифшо намояд.

B20БB Тибқи банди 2 Стандарти мазкур иҷорагир бояд соддагардонии хусусияти амалиро, ки банди 46A пешбинӣ кардааст, ба таври пайдарҳам дар робита бо шартномаҳои дорои мушаххасоти шабеҳи ба талабот ҷавобгӯй ва дар ҳолатҳои ҳаммонанд, новобаста аз ҷавобгӯй будан ё набудани шартнома ба талаботи истифодаи соддагардонии хусусияти амалӣ дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти “Имтиёзҳо аз рӯйи иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» алоқаманд мебошад” (ба банди B1A нигаред) ё ислоҳоти *“Имтиёзҳо аз рӯйи иҷора, ки бо пандемияи «Covid-19» алоқаманд буда, баъд аз 30 июни соли 2021 амал менамояд”* (ба банди B1B нигаред), татбиқ намояд.

## *Ислоҳоти меъёри фоизи асосӣ - марҳилаи 2*

B20B Корхона бояд ислоҳоти мазкурро ба таври ояндабинӣ тибқи СББМ 8 татбиқ намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди B20Г зикр шудаанд.

B20Г Корхона ҷиҳати азнавҳисобкунии маълумоти давраҳои гузашта барои инъикоси татбиқи ислоҳоти мазкур уҳдадор намебошад. Корхона метавонад азнавҳисобкунии маълумоти давраҳои гузаштаро танҳо ва танҳо дар он сурат анҷом диҳад, агар чунин азнавҳисобкунӣ бидуни истифодаи маълумоти баъдӣ имконпазир бошад. Агар корхона азнавҳисобкунии маълумоти давраҳои гузаштаро анҷом надиҳад, он бояд фарқияти байни арзиши тавозунии қаблӣ ва арзиши тавозунии оғози давраи ҳисоботи солонаи фарогири санаи татбиқи аввалияи ислоҳоти зеринро дар таркиби салдои воридотии фоидаи тақсимнаёфтаи (ё дигар ҷузъи сармояи хусусӣ, вобаста аз ҳолат) ҳамон давраи ҳисоботи солона эътироф намояд, ки санаи татбиқи аввалияи ислоҳоти зеринро дар ба мегирад.

## Уҳдадории иҷоравӣ ҳангоми фурӯш ва иҷораи баръакс

B20Ғ Фурӯшанда-иҷорагир бояд “*Уҳдадории иҷоравӣ ҳангоми фурӯш ва иҷораи баръакс”*-ро (ба банди B1Г нигаред) ба таври ояндабинии дур, тибқи СББМ 8 барои амалиётҳои фурӯш ва иҷораи баръакс, ки пас аз санаи татбиқи аввалин анҷом дода мешаванд, татбиқ намояд.

# Қатъёбии амали дигар стандартҳо

B21 Стандарти мазкур стандартҳо ва тафсироти зеринро иваз менамояд:

(а) СББМ 17 *“Иҷора”*;

(б) Тафсироти КТҲМБ 4 *“Муайянсозии мавҷудияти аломатҳои иҷора дар созишнома”;*

(в) Тафсироти КТС 15 *“Иҷораи амалиётӣ – ҳавасмандӣ”;*

(г) Тафсироти КТС 27 *“Муайянсозии моҳияти амалиёте, ки дорои шакли ҳуқуқи иҷора мебошад”*.

 © Фонд СБҲМ